**МЕДАЛИ СОМОН МАҲМАДБЕКОВ АЗ ПАРИЖ** с. 15

**ХОНАЮ ПАЛОС, ОДАМУ... ЛИБОС** с. 5

**ҚАҲРАМОНИИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР МОСКВА** с. 11






# ТОҶИКИСТОН

№31 (1594), 31.07.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто ст! Оғози нашр соли 1992


# ЭҲТИРОМ ВА ЭЪТИМОД

## Гузориш аз сафари Президент ба Теҳрон




**МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ**

**АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,**

**ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ**

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- *Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м*
- *Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см*
- *Тирезаҳои алюминий*
- *Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ*
- *24/7 амният ва назорати видео*
- *Таваққуфгоҳи зеризаминӣ*
- *Дар наздики гипермаркети*
- *Auchan, мағозаи JYSK*

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:**
**+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33**


**ДАР ИН ШУМОРА:**


**ГАЗИ МОЕЪ**
Воридот зиёд, нарх боло меравад с.9

**ДАВЛАТЗОДА:**
Идгардак пурра манъ нашудааст с.5

**ТЕППАИ ҚӮРҒОН**
Баъди матолиби “Тоҷикистон” бозсозӣ мешавад с.8

**ИСМОИЛ ҲАНИЯ**
Роҳбари “Ҳамос” дар Теҳрон террор шуд с.4

**496 СОМОНӢ**
Нафақаи сокини 120-солаи Хатлон с.6

**АББОС АЛИЕВ**
Яке аз поягузорони матбуоти тоҷик с.10

**БАЪДИ 6 МОҲ**
Ҷинояткор аз зиндон пайдо шуд с.11

**БУҒУМИ СУНЪӢ**
Умри дубора ба беморон с.12

## 6 МЕДАЛИ ЗАНҲОИ ИХТИРОЪКОРИ ТОҶИК АЗ НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Занҳои тоҷик дар Намоишгоҳи байналмилалии занҳои ихтироъкор «KIWIE -2024» соҳиби се медали тило, ду нуқра ва як биринҷӣ шуданд.**

Бо медали тило ва ҷоизаи махсуси Ассотсиатсияи ихтироъкорони Тайланд Назирабегим Бораҷабова бо ихтирои «Маводи дорои таъсири зиддиилтиҳобӣ ва ҷароҳатдармонӣ», Шафоат Олимова бо ихтирои «1-хлор-3-метокситриптофало пропан-2-олов 3α, 7β-дигидрокси кислотаи холонати дорои таъсири зиддимикробӣ» ва Аниса Азизмамадова бо ихтирои «Тарзи пешгӯии вайроншавии саломатии репродуктивӣ дар занон» сарфароз гардиданд.

Бо медали нуқра Муҳаббат Урунова барои ихтирои «Мавод барои табобати бенасли дар занҳои дорои бачадони гипоплазияи (майда) дараҷаи I-II» ва Марҷона Шоназарова бо ихтирои «Тарзи пешгирӣ ва табобати энтеропатияҳо, ки дар заминаи полихимиотерапия ситостатикии пуршиддат инкишоф меёбанд» қадрдонӣ шуданд.

Инчунин, бо медали биринҷӣ Гулнора Ҳоҷиева барои ихтирои «Маҷмӯи доруворуи растанигии «Чордору» сарфароз шуд.

## ОҒОЗИ ҚАБУЛИ ХОНАНДАГОН БА СИНФИ 1, АММО РОЙГОН

**Аз 1-уми август дар Тоҷикистон қабули хонандагони синфи якум барои соли таҳсили 2024-2025 оғоз мегардад.**

Дар ин бора аз Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон иттилоъ доданд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ба синфи якум қабул намудани хонандагон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

- *варақаи шахсии хонанда;*
- *ду дона расми 3х4;*
- *аризаи волидайн;*
- *шаҳодатномаи таваллуди кӯдак;*
- *ҳуҷҷати тиббӣ;*
- *шиносномаи волидайн дар ду нусха;*
- *шаҳодатномаи ақди никоҳ;*
- *маълумотнома аз ҷой зист.*

Имсол кӯдаконе, ки то 31-уми декабри соли 2017 таваллуд шудаанд, ба синфи якум ройгон қабул карда мешаванд.

## УСМОНЗОДА ҲОДИСАИ “КРОКУС”-РО ШАРҲ ДОД

**Ҳодисаи террористӣ дар толори консертии “Крокус Сити Ҳолл” дар Маскав аз номи миллати тоҷик сурат нагирифтааст, вале дар расонаҳои Русия чеҳраи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик манфӣ инъикос мешавад.**

Ин нуктаро Хайриддин Усмонзода, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон иброз дошт.

Ӯ дар нишасти матбуотӣ гуфт, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон (МТС) дар ин робита таҳлилҳо гузаронидааст ва хулоса мекунад, ки амали террористии мазкур тарҳрезишуда аст ва паёмадҳои он ба сиёсати давлатии Русия иртибот надорад.

Директори МТС муносибати сарди кормандони мақомоти қудратии Русия бо муҳоҷирони кории тоҷикро, ки баъди ҳамла ба “Крокус” то ҳол идома дорад, ба “танзими ҳуқуқи будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ” рабт дод. Ӯ гуфт, ки ниҳодҳои марбута барои рафъи мушкилоти ҷойдошта бо ҳамтоёни русашон ҳамкорӣ карда истодаанд.



## КОМРОНШОҲИ УСТОПИРИЁН ТАРКИ ВАРЗИШ МЕКУНАД?

**Комроншоҳи Устопириён дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 дар даври аввал аз ҷудокори испанӣ Тристани Мосахлишвили шикаст хӯрд. Бо ҳамин ӯ аз идомаи рақобатҳо маҳрум гардид.**

Пас аз нокомӣ дар Бозиҳои олимпӣ паҳлавони ҷудо Комроншоҳи Устопириён эълон кард, ки бо ҳамин дигар дар мусобиқоти варзишӣ ширкат нахоҳад кард. Ӯ акнун рӯзгори варзишӣ ё карйераи паҳлавонии худро ба поён мебарад. Аммо сарфи назар аз нокомӣ, дар солҳои охир Комроншоҳ дар таърихи ҷудои тоҷик дастовардҳои зиёде карда ва рекордҳое дорад, ки ҳанӯз ношикастаанд.

Ӯ ягона қаҳрамони мусобиқоти ҷудои Осиё дар таърихи ҷудои тоҷик аст, ки ду бор ба ин мақом расид. Мардуми тоҷик борҳо шоҳиди майдондорӣ ва ҳунарнамоиҳои шоиставу ҷавонмардонаи Комроншоҳ дар саҳнаҳои бузургтарини варзиши дунё шудаанд.

## САРИ САБЗ



Олимҷон МУҲАММАДҶОНЗОДА, раиси Кумитаи забон ва истилоҳот

**- Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки навиштаву овезаҳо ба имлои забони тоҷикӣ мутобиқат намекунанд. Чунин ҳолатҳо гарчанде зери назорати Кумита қарор доранд, вале бо вуҷуди ин, чӣ гунае, ки мо дар шабакаҳои иҷтимоӣ огоҳ мешавем, ғалатҳо зиёд шуда истодаанд.**

*- Ҳамин ки медонед, санҷишҳоро аз ҳарвақта дида зиёдтар ба роҳ монеду номутобиқатиро зери назорати ҷиддӣ қарор диҳед. Ба умеди шабакаҳои иҷтимоӣ шудан илоҷи кор нест.*



Шуҳрат МАҚСУДЗОДА, директори КВД «Тоҷиксуғурта»

**- Ҳангоме ки ягон ҳодисаи нохуш рух медиҳад, шахсоне, ки суғуртаи ихтиёрӣ кардаанд, муроҷиат мекунанд, то маблағи зарардидаи амволи онҳо пардохт карда шавад. Вале, мутаассифона, маблағи суғуртаи онҳо ба амволи зарардидаашон мувофиқ нест.**

*- Суғуртаи маҷбурӣ ҳам вуҷуд дорад? Агар ҳа, вақти суғуртакунӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронидан лозим, то маблағи суғурта ба амволи зараршуда мувофиқ ояд.*



Муродҷон АТАКУЗИЕВ, магистранти тоҷик дар Индонезия

**- Фикр кардам, ки ман метавонам дар 50-солагӣ ҳам муҳоҷир шавам, аммо шояд дигар чунин имкон пайдо нашавад, ки зинаи магистратураро дар Индонезия давом диҳам. Барои ҳамин таҳсилро интихоб кардам ва ҳеҷ пушаймон нашудам.**

*- Таҳсил ҳеҷ вақт пушаймонӣ надорад. Хуш ба ҳолатон! Агар ҳама мисли шумо фикру амал мекарданд, кам касон дар 50-солагӣ ҳам муҳоҷир мешуданд.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

Фарҳод РАҲИМӢ, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС: Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасад, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА: 221-00-84, 227-19-95 tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16 238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61 ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО 918-66-82-64, 221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР: 33 000 нусха.

# ЭҲТИРОМ ВА ЭЪТИМОД

## Гузориш аз сафари Президент ба Теҳрон

**30-юми июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар маросими савгандёдкунии раисҷумҳури тозаинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён ба Теҳрон сафар кард. Дар доираи ин сафар роҳбари давлат бо роҳбари Инқилоби Исломӣ Алии Хоманаӣ, президенти мунтахаб Масъуди Пизишкиён ва раиси Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон Муҳаммадбоқир Қолибоф вохӯрӣ анҷом дод.**



### Умедвории Хоманаӣ

Дар мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Раҳбари Инқилоби Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алӣ Хоманаӣ “доир ба таҳким ва густариши бемайлони робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Эрон гуфтугӯйи судбахш сурат гирифт”,- хабар медиҳад дафтари матбуоти Президенти Тоҷикистон.

Дар идомаи суҳбат Эмомалӣ Раҳмон аз муштаракоти таърихию фарҳангии мардумони дӯсту бародари ду кишвар ва алоқамандии ҷонибҳо ба тавсеаи робитаҳо дар рӯҳияи ҳусни тафоҳум, ҳамёрӣ, эҳтиром ва эътимоди байниҳамдигарӣ ёдовар шуда, “азму иродаи устувори ҷониби Тоҷикистонро ба идомаи ин раванд” таъкид доштанд.

Бо ибрози қаноатмандӣ аз густариши бемайлони робитаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангӣ, бахусус тайи солҳои охир, ҳарду ҷониб изҳори умед намуданд, ки ин раванди самарабахш минбаъд ҳам идома хоҳад дошт.

Дар вохӯрӣ ҳамчунин доир ба як зумра масоили байналмилалию минтақавии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мубодилаи андеша сурат гирифт.

Оятуллоҳ Хоманаӣ дар ин мулоқот таъкид кард, ки сиёсату авлавияти аслии Эрон густариши равобит бо кишварҳои минтақа, ба вижа кишварҳои ҳамзабону дорои фарҳанг, таъриху дини муштарак аст.

Вай таъкид кард, ки Эрон чун гузашта омодаи ҳамкории самимона бо Тоҷикистон дар заминаҳои мухталиф аст.

Вай мақомоти ду кишварро заминасози густариши ҳамкориҳо хонд ва гуфт, ки забони форсӣ яке аз иштирокоти муҳими Эрону Тоҷикистон ва Афғонистон аст ва бояд барои ҳифзу густариши ин забон ва ҷилавгирӣ аз бархе талошҳо барои инзивои он ҳамкориҳои бештар анҷом шавад.

Хоманаӣ бо ташаккур аз иқдомоти раисҷумҳури Тоҷикистон барои густариши забони форсӣ изҳори умедворӣ кард, ки густариши хати бостонии форсӣ низ дар Тоҷикистон шурӯъ шавад.

### Даъвати Пизишкиён ба Тоҷикистон

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар оғози мулоқоташ Масъуди Пизишкиёнро ба муносибати оғози фаъолияташон ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон табрик гуфт.

“Пешвои миллат, ҳамчунин, аз Масъуди Пизишкиён даъват намуданд, ки дар фурсати барояшон муносиб ба Тоҷикистон бо боздиди расмӣ ташриф биёранд”,- хабар медиҳад дафтари матбуоти Президент.

Ҳамчунин, роҳбари давлат изҳори бовар намуданд, ки кишварҳои мо дар асоси усулҳои ҳусни тафоҳум ва эҳтирому эътимоди ҳамдигар ҳамкории барои ҷонибҳо судмандро минбаъд ҳам густариш хоҳанд дод.

Зимни суҳбат ҳарду ҷониб аз вазъи кунунии ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷорат, энергетика, саноат, ҳамлу нақл, кишоварзӣ ва тандурустӣ, илму маориф ва фарҳанг изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид доштанд, ки ин раванди судбахш дар оянда низ бояд идома ёбад.

“Ба андозаи панҷ маротиба афзоиш ёфтани табодули мол, ки тайи солҳои охир ба назар мерасад, бозгӯй аз иқтидори бузурги ҳамкории иқтисодию тиҷоратии ду кишвари бародар номида шуд”,- менависад дафтари матбуоти Президенти Тоҷикистон.

Дар ин робита таъмини фаъолияти бештари Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ва истифодаи муассир аз Кумитаи муштараки сармоягузорӣ ва Шӯрои муштараки соҳибкорони ду кишвар зарур доништа шуд.

Ҳарду ҷониб ба густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои обу энергетика, нафту газ, технологияҳои муосир ва ҷалби сармоя ба ин самтҳо алоқамандӣ зоҳир намуданд.

Ҷониби Тоҷикистон ба истифодаи самараноки имконоти бандарҳои Бандар-Аббос ва Чобаҳор барои ҳамлу нақли молу маҳсулоти Тоҷикистон изҳори манфиатдорӣ намуд.

Ҳарду ҷониб иқдоми лағви низоми раводидро барои рафтуомад миёни ду кишвар ба муҳлати то 30 рӯз рӯйдоди муҳим номида, изҳори боварӣ намуданд, ки он ба рушди сайёҳӣ ва умуман робитаҳои дуҷонибаи мардумони ду кишвар мусоидати фаъол хоҳад дошт.

Таҳкими ҳамкорӣ дар мубоизаи муштарак бо таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои созмонёфтаи фаромиллӣ ва киберӣ низ аз мавзуҳои муҳими суҳбат буд.

### Дидор бо Қолибоф

Дар шаҳри Теҳрон ҳамчунин Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси Шӯрои исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф мулоқот намуд.

Дар вохӯрӣ доир ба ҷанбаҳои мухталифи муносибoти дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвари бародар гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

Зикр гардид, ки арзишҳои муштараки таърихиву фарҳангӣ ва тамаддунии ду кишвари ҳамзабон заминаи устувори муносиботи дуҷонибаро ташкил медиҳанд.

Зимнан аз раванди таҳкиму густариши робитаҳои парлумонӣ ва фаъолияти Гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

### Ширкат дар маросими савгандёдкунӣ

Дар поёни сафари кории хеш ба шаҳри Теҳрон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими савгандёдкунии Президенти навинтихоби Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён иштирок намуд.

Барои иштирок дар ин маросим намояндагони воломақом аз наздики 80 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла як қатор сарони давлатҳо, роҳбарони парлумонҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои гуногун, ҳамчунин намояндагони зиёд аз созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба Теҳрон ташриф оварданд.

Хотиррасон бояд намуд, ки дар интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид, пас аз ду даври интихоботӣ Масъуди Пизишкиён ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон интихоб шуд.

30-юми июл Масъуди Пизишкиён зимни маросими савгандёдкунӣ расман ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба фаъолият шурӯъ намуд.

## Аз нишасти матбуотӣ



**Корхонаҳои саноатии шаҳру навоҳии вилояти Суғд ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро 110,1 фоиз таъмин карданд. Дар ин бора раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода дар нишасти матбуотӣ ба намояндагони ВАО иттилоъ дод.**

Гуфта шуд, ки дар 6 моҳи аввали соли равон дар ҳудуди вилоят беш аз 90 корхонаи хурду бузурги нави саноатӣ ба фаъолият оғоз карданд. Аҳмадзода нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоятро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мусбат арзёбӣ карда, гуфт, ки нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодиёт ба 16,2 миллиард сомонӣ ва суръати афзоиш ба 108,2 фоиз расонида шуд.



**Имсол андозаи нафақаи 775 008 нафақагироне, ки нафақаи суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ мегирифтанд, мавриди индексатсия қарор гирифт.**

Дар натиҷа андозаи миёнаи нафақаи суғуртавии 290 244 нафар аз 368,68 сомонӣ ба 475,75 сомонӣ, нафақаи меҳнатии 294 530 нафар аз 445,34 сомонӣ ба 583,27 сомонӣ ва нафақаҳои иҷтимоии 190 234 нафар аз 259,62 сомонӣ ба 349,45 сомонӣ баробар шуд. Дар ин бора директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.



**Бар асари сел ва дигар офатҳои табиӣ дар шаш моҳи соли равон 164 бинои истиқоматӣ зарар дида, аз ин 64 хона пурра вайрон шуд. Шахсоне, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ манзилашон валангор гашт, аз ҷониби давлат бо хонаҳои нави бо тамоми асбобҳои рӯзгор муҷаҳҳаз таъмин карда мешаванд.**

Дар ин бора зимни нишасти хабарӣ раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ Тоҷикистон, генерал-лейтенант Рустам Назарзода иттилоъ дод. Мавсуф таъкид намуд, ки айни замон сохтмони хонаҳои нав барои осебдидагони офатҳои табиӣ идома дорад.

## Аз нишасти матбуотӣ



**Вазири маориф ва илми Тоҷикистон Раҳим Саидзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод, ки бо гузаштан ба низоми ғайринақдӣ харидани либосҳои мактабӣ низ ғайринақдӣ амалӣ мешавад.**

“Ягон кас, махсусан хонанда ё омӯзгор ҳуқуқи дахолат ба ҷамъ намудани маблағ барои либоси мактабиро надорад”,- гуфт вазир.

Инчунин, гуфта шуд, ки роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳақ надоранд ҳар сол либоси ягонаро барои хонандагон иваз намоянд. Зеро дар кишвар оилаҳое ҳастанд, ки серфарзанданд ва ҳар сол имкони харидани либоси навро барои фарзандон надоранд.



**Имсол тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Тоҷикистон 78 ҳазору 231 нафар довталаб ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохил шудаанд.**

Дар ин хусус Сабзаалӣ Ҷаъфарзода, директори ин ниҳод дар нишасти матбуотӣ хабар дод. Ҷаъфарзода гуфт, ки дар давраи асосии бақайдгирии довталабон 99 ҳазору 722 довталаб номнавис шуда буданд. Дар миёни довталабон гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум (тиб, биология ва варзиш) аз ҳама серинтихобтарин ва гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум (табиӣ ва техникӣ) каминтихобтарин буданд.




**Давоми соли равон варзишгарони вилояти Хатлон аз мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ беш аз 1 ҳазору 570 медал гирифтаанд. Ин нукта дар нишасти хабарии Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш зикр карда шуд.**

Рамазон Насриддинзода, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш дар вилояти Хатлон афзуд, ки варзишгарон дар умум дар 95 мусобиқаи гуногун иштирок карда, 1 ҳазору 571 медал ба даст овардаанд. Ба таъкиди Рамазон Насриддинзода, 344 медал нисбати шаш моҳи соли 2023 зиёд мебошад.

# ҚАТЛИ РОҲБАРИ “ҲАМОС” ДАР ТЕҲРОН



IRNA — The Islamic Republic News Agency

**Исмоил Ҳания, раиси Дафтари сиёсии гурӯҳи фаластинии "Ҳамос" шаби 30 ба 31-уми июл дар Теҳрон кушта шуд. Ҳания рӯзи 30-юми июл дар маросими савгандёдкунии президенти тозаинтихоби Эрон Масъуди Пизишкиён ширкат дошт.**

Сипоҳи посдорони Эрон субҳи 31-уми июл дар хабарномае гуфт, ки маҳали истиқомати Исмоил Ҳания дар Теҳрон мавриди ҳамла қарор гирифт ва дар пайи ин ҳодиса ӯ ва як нафар аз муҳофизонаш кушта шудаанд.

Гурӯҳи фаластинии “Ҳамос” ҳам ин хабарро тасдиқ кард. “Бародар, пешво, муҷоҳид Исмоил Ҳания, раҳбари ҷунбиш, пас аз ширкат дар маросими савгандёдкунии раисҷумҳури ҷадиди Эрон, дар як ҳамлаи саҳюнистон ба қароргоҳи худ дар Теҳрон кушта шуд”,- хабар медиҳад “Ҳамос”.

ИРНА дар гузориши дигаре ба нақл аз хабаргузории "Само"-и фаластинӣ изҳороти Мусо Абумарзуқ, узви дафтари сиёсии "Ҳамос"-ро бозтоб додааст, ки таъкид карда, террори Исмоил Ҳания бепосух нахоҳад монд. "Террори фармондеҳ Исмоил Ҳания амале буздилона аст ва бепосух нахоҳад монд",- афзудааст Мусо Абумарзуқ.

alarabiya

Исмоил Ҳания дар натиҷаи ҳамлаи мушакӣ ба манзиле дар Теҳрон ки ӯ дар ҷараёни сафараш ба Эрон онҷо мезист, кушта шудааст.

“Исмоил Ҳания соати 02:00 ба вақти маҳаллӣ (соати 03:30 ба вақти Душанбе - “Бомдод”) дар натиҷаи мустақиман ба макони зисти раҳбари дафтари сиёсии ҲАМОС асобат кардани мушак кушта шуд”, - гуфта мешавад дар гузориши “Ал-Арабия”.

Дар ТСАХАЛ (артиши Исроил) гуфтаанд, ки “хабарҳои расонаҳои хориҷиро шарҳ намедиҳанд”. Аммо вазири умури Байтулмуқаддас ва мероси Исроил Амихай Элияҳу гуфтааст, қатли Исмоил Ҳания “як шеваи дурусти тоза кардани дунёст”. “Марги Ҳания ҷаҳонро беҳтар мекунад”,- таъкид кардааст ин вазири исроилӣ.

Пас аз ҳамлаи рӯзи ҳафтуми октябри соли гузаштаи "Ҳамос" ба Исроил, Телавив гуфта буд, ки ин гурӯҳро аз байн мебарад.

Чанд узви хонаводаи Исмоил Ҳания, аз ҷумла се писар ва чаҳор наберааш ҳам дар ҳамлаи ҳавоии Исроил дар моҳи апрел дар Ғазза кушта шуданд.

Исмоил Ҳания соли 2017 ба унвони раиси Дафтари сиёсии "Ҳамос" интихоб шуда буд.

# $1,7 МЛРД КУМАКИ ИМА БА УКРАИНА

The Washington Post

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рӯзи 29-уми июл ду бастаи нави ёриҳоро ба Украина эълон кард.**

Ҷон Кирби, сухангӯйи Шӯрои амнияти миллии Кохи Сафед гуфт, ки як бастаи кумак аз таҷҳизоти зарурӣ барои низоми мушакандози “HIMARS”, тӯпхона, миномётҳо ва мушакҳои зиддитонкии “Javelin” иборат аст. Маблағи умумии он ба 200 миллион доллар мерасад.



Бастаи дигари кумак ба арзиши 1,5 миллиард доллар ба воситаи Вазорати дифои Амрико ба Украина пешниҳод шудааст.

Кирби гуфт, ин кумакҳо тавоноии дифои ҳавоии Украинаро тақвият хоҳанд дод.

Дар ҳамин ҳол, Маркази назарсанҷии “Pew” хабар дод, ки нисфе аз амрикоиҳо аз ҷанги идомадори Русия ба Украина ва харҷи Иёлоти Муттаҳида барои ироаи кумакҳо ба Киев нигарон ҳастанд.

Як назарсанҷии “Pew” маълум карда, ки дар ҳоле 48 дарсади амрикоиҳо кумакро ба Украина масъулият медонанд, 49 дарсад бо ин розӣ нестанд.

# РЕКОРДИ ФУРӮШИ ГАЗ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

KUN.UZ

**Ӯзбекистон дар моҳи июни имсол ба маблағи $181,5 миллион ба хориҷи кишвар газ фурӯхтааст. Дар ин бора Оҷонсии омори ин кишвар хабар медиҳад.**

Ин рақам назар ба нишондоди моҳи майи соли равон 24 баробар ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 баробар бештар аст.

Қаблан Сарраёсати гумруки Чин хабар дода буд, ки ин кишвар аз аввали имсол аз Ӯзбекистон ба маблағи 235 миллион доллар газ харидааст.

Ӯзбекистон дар баробари Чин ба Тоҷикистон ва Қирғизистон ҳам газ мефурӯшад.




# МАДУРО БОЗ ПРЕЗИДЕНТ ШУД

DW Deutsche Welle

**Шӯрои миллии интихоботии Венесуэла раисҷумҳур Николас Мадуроро барандаи интихоботи президентии ин кишвар эълом кард. Интихобот рӯзи 28-уми июл баргузор шуд.**



Тибқи иттилои шӯро, бар асоси ҳисоби 80 дарсади варақаҳои раъйдиҳӣ Мадуро беш аз 51 дарсади овозҳоро соҳиб шудааст. Ба рақиби ӯ, намояндаи эътилофи мухолифони Венесуэла Эдмундо Гонсалес гӯё 44% раъй додаанд.

Мухолифони Венесуэла бар инанд, ки натиҷаҳои интихоботи имсол ба монанди соли 2018 дасткорӣ шудаанд.

Мадуро баъд аз нашри натиҷаҳои расмӣ гуфт, ки пирӯзии ӯ тантанаи сулҳ ва субот дар Венесуэла аст. Баъди эълони пирӯзии Мадуро мухолифонаш ба тазоҳурот баромаданд. Нооромӣ дар кишвар идома дорад.

# ХОНАЮ ПАЛОС, ОДАМУ... ЛИБОС

**Худи либос чист, ки ин қадар мавриди баҳс қарор мегирад? Ҳатто ҳукумат ба он дахолат мекунад ва Маркази исломӣ (муфтиёт) сари ин масъала дар хутбаи намози ҷумъа фатво медиҳад?**



Аз рӯзе, ки одам аз ғори худ бори аввал берун шуд (тибқи фарзияи Дарвин) ва ё вақте, ки аз ҷаннат ронда шуд (ақидаи аҳли динҳои яктопарастӣ), ба либос зарурат пайдо кард.

Тасаввур кунед, ки либос дар ҷомеа ҳоло вуҷуд надорад ва чунин як чиз ҳам нест. Дар кӯчаҳои мо зану мардҳои комилан урён равуо доранд ва касеро ба касе коре нест. Мисли он, ки ҳама дар пляжи нуддистхо (як гурӯҳи алоҳидаест, ки комилан бе либос ҷамъ меоянду оббозӣ ва "загар" мекунанд) бошанд. Тасаввур кардед? Ё инро тасаввур кардан ғайриимкон аст? Ин тавр ки бошад, акнун дарк мекунед, ки либос танҳо барои пинҳон намудани узвҳои маҳрамонаи инсон ва ё паноҳ бурдан аз сармою гармо нест, балки барои ифодаи сатҳи маданияту маърифати шахсият, барои нишон додани синну соли соҳиби он ва ҳатто ҳамчун баёнгари андешаи ӯ хизмат мекунад.

Шояд дар оғоз либос танҳо бо мақсади аз сардию гармӣ паноҳ бурдан ва пинҳон намудани шармгоҳи одамон истифода шуда бошад, аммо дар замоне, ки мою шумо зиндагӣ мекунем, функсияҳои он даҳҳо маротиба афзудааст ва либос ифодагари ҳамаи он чизҳоест, ки ману шумо ба атрофиён гуфтанием. Яъне ба либоси кас назар андохта, то адозае метавонед дар бораи ин шахс тасаввурот пайдо кунед.

Агар одам либоси расмии ягон корхона ва ё шабакаи хизматрасониро ба бар карда бошад (спетсовка), ҳоҷат ба ин нест, зеро алакай либос дар бораи соҳиби худ ба мо "гуфт". Ба ҳамин монанд, либоси мактабиён, кормандони давлатию донишҷӯён (бо галстук) ва боз чанд тоифаи дигарро низ муайян кардан мумкин аст ва шарт нест, дар ин "кашфиёти худ" методи дедуктивии Шерлок Холмсро истифода барӣ...

Аммо чун сухан аз боби фатвои Шӯрои уламои Маркази исломии кишвар рафт, маълум, ки фатвои мазкур маҳз ба онҳое равона карда шудааст, ки гӯё мувофиқ ба талаботи шариат либос мепӯшанд. Дар оғоз мо гуфтем, ки либос баёнгари фарҳанги ҳар миллат низ ҳаст. Ба хотир оред "юбка"-и шотландиҳо ва ё сарии ҳиндуҳою кулоҳи қазоқзанҳоро. Он чӣ, ки гузаштагони мо (дар назар дорам танҳо бибию бибикалонҳоро) ба бар мекарданд, шояд имрӯз ба бисёриҳо маъқул набошад. Аммо инро ҳам инкор кардан наметавон, ки ин як ҷузъи фарҳанги миллии мост. Пас, агар аз рӯи фатвои Шӯрои уламо равем, тоҷикон либоси ҷавобгӯи дархости шариати исломиро низ дар гузашта доштанд ва имрӯз низ вобаста ба ҳамин аз он истифода бурдан лозим, ки ҳақ асту рост. Аммо чӣ тавр, вақте ки занону духтарони мо аз пӯшидани либоси миллӣ дида, бештар ба либоси бегона (арабӣ, аврупоӣ) майл доранд?

Барои ин мисли туркманҳо ва озариҳою хиндуҳои мусулмон (Бангладеш ва Индонезияю Малайзия) либоси миллии худро бояд такмил дод ва ин корро на кӯр-кӯрона, балки бо назардошти ақидаю пешниҳодҳои ходимони дин, дизайнерҳо ва ҳамаи онҳое, ки ба ин масъала шавқманданд, бояд анҷом дод. Он гоҳ либоси миллии мо барои занону духтарон омода мегардад, ки аз рӯйи он тоҷикро дар ҳама ҷо шинохтан мумкин мешавад.

Дар мо низ хушбахтона, мисли баъзе аз кишварҳои муслмоннишин интихоби ранг барои либос танҳо аз сиёҳу сафед иборат набуду то имрӯз ҳам чунин нест. Дар ин кор низ мисли коммунистҳо ба зиёдаравӣ роҳ додан мумкин нест ва маъракаи "фаранҷипартоӣ", ки дар оғози Шӯравӣ ба роҳ андохта шуд, роҳ додан танҳо ба зарари кор аст...

Агар ҳоло ба навору аксҳое, ки дар солҳои шасту му ҳафтодуми қарни гузашта дар деҳоти тоҷик гирифта шудаанд, назар андозем, мебинем, ки либосе, ки он замон духтарону занони мо мепушиданд, чӣ қадар зебою шинам будаанд ва касе ҳам аз эшон (албатта ба ҷуз онҳое, ки ба қавли модари раҳматиам "урус шудан мехоҳанд") лучу урён ва ё сар то по сатри сип-сиёҳ надоштанд. Либоси миллии мо дар гузашта хеле либералӣ нисбат ба талаботи шариати ислом ва дар як вақт ивазкунандаи сатри арабӣ ҳам будааст. Пас, онро бояд такмил доду дар як вақт ҳам тоҷикию ҳам исломӣ кард. "Одаму либос ва хонаю палос" гуфтаанд гузаштагони мо...

**А. АҲМАДЗОДА**

Сулаймон Давлатзода:

# ИДГАРДАК ПУРРА МАНЪ НАШУДААСТ

**Дар нишасти хабарие, ки 30 июл Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, ҳамчунин Шӯрои уламо дар якҷоягӣ бо Донишкадаи исломӣ баргузор намуданд, сухан асосан дар атрофи нашри фатвои Шӯрои уламо мавриди либоси миллӣ ва динӣ рафт.**



Дар нишаст он чӣ дар ин хуҷҷат омадааст ва аз лиҳози динӣ то кадом андоза мувофиқ будани либос ба шариати ислом аз ҷониби Раиси Шӯрои уламо Саидмукаррам Абдуқодирзода шарҳ дода шуд.

Ҳамчунин, Раиси Кумитаи дин Сулаймон Давлатзода ба саволҳои зиёди журналистон ҷавоб дода, гуфт, ки идгардаки кӯдакон дар идҳои Рамазон ва Қурбон пурра манъ нагардидааст ва он метавонад дар якҷоягӣ бо волидони онҳо дар хонаи хешу табор сурат гирад.

Дар идомаи нишаст, ба хабарнигори Pressa.tj дар мавриди он, ки чаро дар вақти ҳаҷи фарзӣ аз ҷониби ҳукумат як қатор маҳдудиятҳо, аз ҷумла, маҳдудияти синнусолӣ ҷорӣ гардидааст, аммо чунин маҳдудиятҳо дар ҳаҷи умра нест, чунин посух дода шуд, ки аслан худи ҳаҷи умра ин имкони иҷро шудани фарзро ба нафари зиёраткунанда намедиҳад ва он қадар амали муҳим нест. Бинобар ин, беҳтар мебуд, агар ба ҷои умра ягон амали дигарро анҷом диҳанд, зеро савобаш балантар аст.

**А. ҲОҶӢ**

## Аз нишасти матбуотӣ



**Боздиди сайёҳони хориҷӣ аз Душанбе 23,4% афзоиш ёфт. Дар ин бора зимни нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе иттилоъ дода шуд.**

Гуфта шуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2024-ум 114,3 ҳазор сайёҳ ва меҳмони хориҷӣ аз шаҳри Душанбе боздид намудаанд. Ин омор назар ба ҳамин давраи соли 2023-юм 23,4% ё 21,7 ҳазор зиёд аст. Зикр гардид, ки ҳоло барои сайёҳон дар Душанбе ҳамаи шароит фароҳам аст. Аз ҷумла, дар пойтахти Тоҷикистон 4 хатсайри нави сайёҳии дохилишаҳрӣ фаъол мебошад.



**Ба наздикӣ Театри давлатии академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ва чойхонаи «Роҳат» тахриб мешаванд. Дар нишасти матбуотӣ Низом Мирзозода, раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории Тоҷикистон гуфт, ки ин бинохо кӯҳна ва ба талаботи замон ҷавобгӯ нестанд.**

«Беҳтар он нест, ки мо биноИ ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир бо номи чойхонаи «Роҳат» бунёд созем? Муҳим он аст, ки бренди чойхонаи «Роҳат» гум нашавад, моҳият ва аҳамияти бино бо аз нав сохтани он гум намешавад»,- афзуд Низом Мирзозода.



**Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе дар 6 моҳи соли равон ба зиёда аз 1,1 миллион мусофир хизмат расонид. Аз ин 537 ҳазору 434 мусофир ба Тоҷикистон омадаанд ва 603 ҳазору 510 мусофир берун аз ҷумҳурӣ рафтаанд.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Ҳабибулло Назарзода, директори Агентии авиатсияи граждании Тоҷикистон хабар дод. Таъкид шуд, ки миқдори умумии бор ва почтаи аз ҷониби терминали боркашонии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе қабулгардида ва интиқолдодашуда дар ин давра 1325 тоннаро ташкил дод.

# БАРГУЗОРИИ ФЕСТИВАЛИ “САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ” ДАР ШАҲРАКИ ҒАРМ

**Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва шарикони рушд 25-уми июли соли 2024 дар Кохи фарҳанги шаҳраки Ғарм фестивали “Саводнокии молиявӣ” баргузор гардид.**








Дар маросими кушодашавии фестивал муовини раиси ноҳияи Рашт Ҳандулло Шарифзода ва сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродалиев суханронӣ намуда, ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкурро баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ арзёбӣ намуданд.

Сипас, аз ҷониби мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои иштирокдорони фестивал доир ба мавзуҳои “Рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар заминаи технологияҳои муосир”, “Пешгирии амалҳои қаллобони молиявӣ”, “Муҳимияти саводнокии молиявӣ” ва “Саводнокии молиявӣ дар рушди тиҷорат” рӯнамоҳо пешниҳод гардида, вобаста ба мавзуҳои фестивал озмунҳо гузаронида шуданд.

Дар қисмати дуюми чорабинӣ намоиши маҳсулоти ташкилотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ доир гардида, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба тамошобинони фестивал маҳсулоти худро муаррифӣ намуданд.

Ҳамзамон, барномаи фарҳангии ҳунармандони варзида ба чорабинии мазкур шукӯҳи тоза бахшида, табъи иштирокдорони фестивалро болида гардонид.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

*Ҷомеа*

## 496 СОМОНӢ НАФАҚАИ ЗАНИ 120-СОЛА



**Калонсолтарин нафақагир дар ҷануби Тоҷикистон - Басимо Тӯраева 120 сол дорад.**

Бино ба иттилои масъулони Раёсати агентии нафақа дар минтақаи Кӯлоб, Басимо Тӯраева, сокини деҳаи Чашмаи Бедаки ҷамоати Лоҳутии ноҳияи Ховалинг, соли таваллудаш 6-уми майи соли 1904, то як моҳи пеш ҳамагӣ 381 сомонию 85 дирам (тақрибан 35 доллар) нафақа мегирифт ва аз 1-уми июл дар пайи 30 фоиз боло бурдани ҳаҷми нафақа дар ҷумҳурӣ, нафақаи ин зани солдида ба 496 сомонию 41 дирам, яъне ҳудуди 45 доллар баробар шудааст.

Ба ҳисоби масъулон, дар умум дар вилояти Хатлон 107 нафақагири синнашон аз 100 боло умр ба сар мебаранд. 43 нафари онҳо дар шаҳру навоҳии минтақаи Кӯлоб зиндагӣ мекунанд.

Шумораи умумии нафақагирон дар Тоҷикистон ҳудуди 800 ҳазор нафар аст.

*Нуқтаи назар*

## ДИНӢ НЕ, МАРДУМӢ!

### Чаро аз расму русум меҳаросем?

**Як одати корманди кӯҳансоламон акаи Ғуломҳайдарро, ки дар як ҳуҷра менишастем, ба мушоҳида гирифтам, ки вақту бевақт нохунгиракашонро бароварда, чиқ-чиқ карда нохун мегиранд.**

Ин одат барои ман нохушоянд менамуд, ки боре бо мулоиматӣ гуфтам, ки чунин накунанд, беҳтараш як рӯзи муайян, дар хона ин корро анҷом диҳанд. Бо зарда ҷавоб доданд, ки ту ҳам мулло шудию...

Оромона фаҳмондам, ки ин масъалаи динӣ нест, шояд дар ягон китоби динӣ ҳам набошад, аммо мардум онро ҳамчун одат қабул кардаанд, фоидааш ин ки: якум, дар рӯзи муайяни ҳафта, масалан ҷумъа мегиред ва олимони тиб муайян кардаанд, ки нохун дар як ҳафта мерасад; дувум, боз олимон исбот кардаанд, ки байни узвҳои инсон нохун ягона қисмате аст, ки дар ягон чиз ва ягон узви ҳозима ҳал намешавад, ана шумо онро чошу пош ҳар тараф мепартоед, мумкин ба пиёлаи яке аз мо афтад... сеюм, агар шумо онро дар рӯзи муайян, дар хона баъди шуста нарм кардани панҷаҳо гиред, осон мешавад; чорум, нохунгирак яке аз анҷоми марҳами тани ҳар инсон аст чун ришгирак ва қайчӣ, он бояд дар ҷойи пинҳон ва аз кӯдакон дур нигоҳ дошта шавад ва ниҳоят, панҷум, агар ба ин ҷиҳат ҳам бовар кунеду онро дар коғазаке гирифта ба зери остона, ё ягон сӯрохии он гӯр кунед, хазандаҳо ба хона ворид намешаванд.

Хуллас, ҳамон рӯз не, пагоҳаш баъди дар хона бо кампирашон маслиҳат кардан ака ба ман сипосгузорона гуфтанд, ки "рост мегӯӣ, ҳамин тавр мекунам, пештар дар истгоҳи автобус ҳам пеши назари одамон нохун мегирифтам, ки як беодобӣ буду бас. Афсӯс, ки ба ҳафтод даромадаму касе инро ба ман нагуфта буд".

Аммо ман медонистам, ки ин қоидаҳоро ба мо волидон, ба қатори он ки ҷорӯбро рост намон, ба даст надеҳ, ба дарвозаи кушодаи мардум нигоҳ накун ва ғайра аз кӯдакӣ мефаҳмонданд. Ин дар панҷекати мо чунин буд, боварӣ дорам дар Хатлону Бадахшону Рашт низ урфу одатҳои хоси худашон ҳаст, ки мардумашон ошкору пинҳон ба ҷо меоваранд, аммо мутаассифона, онҳоро ягон кас ҷамъ овардаву наомӯхтааст. Ҳол он ки олимони Россия ва Эрон дар ин маврид ҷилд-ҷилд китобҳо таҳия кардаанд. Дар мо шояд онҳоро урфу одати қафомонда ва динӣ меҳисобанд. Ҳол он ки онҳо ҷудо аз динанд ва шояд то андозае барои он ки риоя шаванд, ба онҳо либоси гуноҳу савоб бор кардаанд.



Месазад, ки олимони фолклоршинос, мардумшинос, кишваршиноси тоҷик чун ҳамкасбони русу эронӣ, ки дар ин бора китобҳои шавқовар навиштаанд, ин ҷиҳати масъаларо фаромӯш накарда, таҳқиқотҳои ҷолиб анҷом диҳанд. Бовар дорам, онҳо китобҳои шавқовар мешаванд ва дар шиносоии урфу одати мардуми тоҷик саҳми намоён мегузоранд...

**Муҳаммадшариф РУСТАМЗОДА, журналист**

# ПОМИРИНВЕСТ-2024

## Форуме, ки ба пешрафти ВМКБ мусоидат мекунад

**25-26-уми июли соли 2024 дар ВМКБ бо иқдоми МИҲД ВМКБ ва дастгирии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи соҳибкорони ВМКБ Форуми байналмилалии «Помиринвест-2024» баргузор гардид.**



Дар он зиёда аз 250 нафар соҳибкорону сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла аз Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, намояндагони вазорату кумитаҳои ҷумҳуриявӣ, корпусҳои дипломатӣ, намояндагони шарикони рушд ва дигар ташкилотҳо ширкат варзиданд.

Форумро раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Мирзонабот Алишер Худобердӣ ифтитоҳ намуда, мехмононро хайрамақдам гуфт ва қайд намуд, ки “дар ду соли охири Форум маблағи умумии зиёда аз 2 млрд сомонӣ ба иқтисодиёти вилоят ворид шуд ва таваҷҷуҳи субъектҳои соҳаҳои гуногун ба ин чорабинӣ бештар гардида истодааст”. Форум барои пешрафти соҳаи иқтисодии вилоят хеле муҳим буда, яке аз ҳадафҳои он ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва рушду равнақи соҳибкорӣ дар ин минтақа мебошад.

Коршиносони минтақавӣ ва байналмилалӣ дар панелҳо назари худро оид ба дурнамои руши минтақавӣ мубодила карда, масъалаҳои ҷории ҷомеаи тиҷоратиро аз ҷумла оид ба мавзуҳои дастгирии давлатии соҳибкорон, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ба иқтисодиёти ВМКБ муҳокима намуданд.

Дар Форуми “Помиринвест-2024” Намояндаи доимии Ташкилоти Оғохон оид ба рушд (АКДН) Қозидавлат Қоимдодов иштирок ва суханронӣ намуда, аз ҷумла қайд намуданд, ки АКДН ба сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ дар ВМКБ диққати ҷиддӣ дода истодааст. Алҳол ҳадамоти АКДН дар ВМКБ 28 лоиҳаро дар самти рушди деҳот, маориф, тандурустӣ, масъалаҳои муҳити зист бо дарназардошти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, паст кардани хавфу хатари офатҳои табиӣ, рушди инфрасохтори устувор, кишоварзӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, молия, таъмини барқ ва алоқаи мобилӣ амалӣ намуда истодаанд.

Ҳамзамон, қайд карда шуд, ки ҳамагон имрӯз бояд тарҳу лоиҳаҳоро бо роҳҳои нави ояндадори рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ВМКБ ба роҳ монанд.

Ин пеш аз ҳама ба ҷалби сармоя ба рушди сайёҳӣ, туризми кӯҳнавардӣ ва тиббӣ бо истифода аз имкониятҳо ва обҳои шифобахши ВМКБ рост меояд. Дар ин росто барои пайвастани туризми миллӣ ба туризми регионалӣ ва ҷаҳонӣ бояд таҷрибаҳои ташкилотҳои дигари муваффақ истифода бурда шавад ва АКДН тайёр аст, ки кумаки амалии худро дар ин самт пиёда намояд.

Имрӯз АКДН бо сохторҳояш гурӯҳи кории саноатӣ таъсис додааст. Вазифаи асосии ин гурӯҳ омӯхтан ва тайёр намудани лоиҳаи нав, яъне таъсиси корхонаҳои ояндадор дар вилоят, ба монанди Помир ‘‘Био Фарма’’ мебошад. Ҳадафи асосии ин иқдоми хайр, истеҳсол ва коркарди гиёҳҳои шифобахш дар ВМКБ мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки вилоят дорои табиати аз лиҳози экологӣ тоза буда, барои парвариши растаниҳои шифобахш имкониятҳои фаровон дорад. Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, Ҳукумат метавонад як соҳаи устувори саноатӣ - аграрӣ ва даромаднок аз ҳисоби парвариши гиёҳҳои шифобахшро инкишоф дода, барои зиёд намудани потенсиали содиротӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, суръати баланди иқтисодиёт, тоза нигоҳ доштани муҳити зист ва беҳбуди зиндагии сокинон мусоидат намояд.

Дар рафти форум зиёда аз 50 шартномаи ҳамкорӣ бо маблағгузорон ва соҳибкорони ватанӣ баста шуданд, ки ба рушди босуботи вилоят дар оянда таъсири мусбат мерасонанд.

Аз нишасти матбуотӣ

## АФЗОИШИ ҚОИДАВАЙРОНКУНӢ

**Тавре сардори идораи филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар минтақаи Кӯлоб Темур Табарзода иттилоъ дод, дар муддати шаш моҳи соли 2024-ум 2649 адад қоидавайронкуниҳо ба қайд гирифта шудааст.**



Ин рақам нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1248 адад зиёд аст, яъне санаду ҷаримабандиҳо ба камшавии қонунвайронкуниҳо мусоидат накарда истодааст. Боз он нукта боиси нигаронист, ки пардохти маблағҳои ҷаримагардида ҳамагӣ 31%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати кишвар, муассисаи давлатии Маркази идораи лоиҳаҳои бахши электроэнергетика, гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳо «Кам намудани талафоти неру» дар ҳудуди минтақаҳои Кӯлоб се лоиҳа бомуваффақият амалӣ шуда истодааст.

## АРАБЗОДА БОЗ НАОМАД

**Аз рӯи реҷаи тасдиқнамудаи раиси вилояти Хатлон мебоист сардори Муассисаи давлатии хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Кӯлоб Хуршед Арабзода бо ширкати кулли журналистон нишасти матбуотиашро мегузаронд.**



Мутаассифона ҷаноби мазкур бори дахум аст, ки аз хабарнигорон дурӣ меҷӯяд ва дар нишастҳо ширкат намекунад. Оё мухтарам вазири наклиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим барои сарпеҷӣ аз амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами №1677 нисбати ин мансабдор ягон чора меандешад?

## ПРОБЛЕМАҲОИ ФУРУДГОҲ АФЗУДАНД

**Муносибати сарди Русия бо муҳоҷирони тоҷик ба фаъолияти Фурудгоҳи баналмилалии Кӯлоб ҳам таъсири манфии хешро расонд. Дар нимсолаи аввали соли 2024 ба қариб 95 ҳазор нафар мусофирон хизмат расониданд.**



Дар ин бора Ҳомидзода Нуралӣ, директори генералии Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Кӯлоб хабар дод. Гуфта шуд, ки ин нишондод назар ба нимсолаи якуми соли 2023-юм 57 ҳазор нафар мусофир кам аст. Шумораи хатсайрҳо низ кам гардид. Имсол вақти парвози 29 хатсайрҳо бо сабабҳои гуногун ба таъхир афтод.

## САНҶИШҲОИ «ТОҶИКСТАНДАРТ»

**Дар Раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои минтақаи Кӯлоб, ки аз 8 шуъбаю бахш таркиб ёфтааст, дар самти ҳимояи истеъмолкунандагон, таъмини бехатарии озуқаворӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, мусоидати соҳибкорӣ натиҷаҳои судбахшро ноилу муваффақ гардиданд.**



Дар 231 ҳолати ташхиси маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳуҷҷатдорӣ, санҷиши корхонаҳои ғайриистеҳсолӣ ба қадри зиёда аз 77 ҳазор сомонӣ маблағи ҷаримаҳо ба буҷет даромад карда шудааст.

Роҳбари ин муассиса Ҷурахон Курбоналӣ Саидалӣ ба суолҳои сершумори рӯзноманигорон ҷавобҳои саҳеҳу аниқ ва боварибахш доданд.



## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТ ЗАРУР

**Нуралӣ Муъминов, сардори Иттиҳодияи беҳдошти замин ва обёрии минтақаи Кӯлоб хабар дод, ки ниҳоди тобеаш дорои 2579 километр шабакаҳои обдиҳӣ, 2285 иншооти гидротехникӣ мебошад.**

Дар давраи ҳисоботӣ қариб 98 километр заҳбуру заҳкашҳо тоза, 54 номгӯи иншооти гидротехникӣ, 81 адад дастгоҳҳои обкашӣ таъмир карда шуданд.

Бо вуҷуди ин иттиҳодия ба дастгириҳои моддию молиявии давлат ниёз дорад. Танҳо дар як нимсолаи соли равон 66 нафар мутахассисон бо сабаби камии музди меҳнат корро тарк карда рафтанд. Хеле хуб мебуд, ки дар омода намудани мутахассисони ҷавон дастгирию ҳавасмандгардонии давлатӣ ба таври амалӣ ба роҳ монда шавад.

**Нурулло ҲАСАНОВ, рӯзноманигор**

# ДУ КАШФИЁТИ БУЗУРГИ СӮФӢ

**Оё медонед, ки бори аввал галактикаи Андромедаро ситорашиноси тоҷик Абдурраҳмони Сӯфӣ мушоҳида ва ба таври хаттӣ сабт карда, координатаҳои онро муайян кардааст? Оё медонед, ки Тарокуми ситоравии Collinder 399-ро Тарокуми Сӯфӣ низ меноманд?**

### Галактикаи Андромеда

Галактикаи Андромеда галактикаи равшантарини осмони ситоразор ва ягона объекте берун аз галактикаи Роҳи Каҳкашон мебошад, ки бо чашми оддӣ дида мешавад.

Ин галактикаро ҳанӯз дар соли 964 ситорашиноси форсу тоҷик Абдурраҳмони Сӯфӣ мушоҳида карда, дар асари маъруфи худ «Китоб сувару-л-кавокиб ас-собита» («Китоби тасвири ситорагони собита») дар боби “Кавокиби Миръоти Мусалсала ва ӯро “ал-Миръоту-л-латӣ лам тарабаълан”, яъне “зани шӯйнодида” ва ба юнонӣ “Ондрумедо” хонанд” шарҳ дода, “латхаи саҳобӣ” номида буд.

Маълумоти хаттие, ки аз аврупоиён доир ба ин галактика боқӣ мондааст, ба ибтидои асри 16 рост меояд. Аввалин мушоҳидаи телескопии он соли 1612 аз тарафи астрономи олмонӣ Симон Марий сурат гирифтааст.

### Тарокуми Сӯфӣ

Тарокуми ситоравии Collinder 399-ро, ки Тарокуми Сӯфӣ низ меноманд, Сӯфӣ дар бурҷи Рӯбоҳак кашф кардааст. (Ин бурҷ баъдан аз ҳисоби бурҷҳои дигар ҷудо карда шудааст, дар замони Сӯфӣ чун як қисми бурҷи Уқоб шинохта мешуд). Сӯфӣ дар китоби машҳури худ "Сувару-л-кавокиб" бори аввал дар бораи ин ситоразор маълумот додааст. Дар бораи ин тарокум дар феҳристи астрономи итолиёвӣ Ҷованни Годиерн маълумот дода шуда, аз тарафи астрономи амрикоӣ Далмеро Брокчи харитаи он сохта шудааст, бинобар ин, дар баъзе сарчашмаҳо Тарокуми Брокчи низ номида мешавад.



*Саҳифае аз китоби “Сувару-л-кавокиб”, ки дар бораи тарокуми ситоравӣ маълумот дода шудааст*




*Тарокуми ситоравии Сӯфӣ*

### Абдурраҳмони Сӯфӣ

Абдурраҳмони Сӯфӣ (Абулҳусайн Абдурраҳмон ибни Умар ибни Муҳаммад ибни Саҳли Сӯфии Розӣ, 8-уми декабри 903, Рай, Эрон, 25-уми майи 986, Исфаҳон) - мунаҷҷим ва ҷуғрофидони арабизабони форсу тоҷик.

Солҳои 946-947 дар шаҳри Диновар (наздикии Кирмоншоҳ), солҳои 948-949 дар Исфаҳон зиндагӣ ва фаъолият кардааст. Абдурраҳмони Сӯфӣ тарғибкунандаи равияи риёзӣ дар нуҷум ва ҷуғрофияи асрҳои миёна мебошад.




Рисолаҳои риёзиву ҳайатшиносии зерин ба қалами Абдурраҳмони Сӯфӣ мутааллиқанд: «Рисола дар амали ашколи мутасовиййа ул-азлаъ», «Китобу-с-сувар-ул-кавокиб ас-собита» («Китоби тасвири ситораҳои собита»), «Китобу-л-амал би-л-устурлоб» («Китоби амал бо устурлоб»), «Китобу-л-амал би-л-кура ул-фалакийя» («Китоби амал бо кураи фалакӣ (глобус)»), «Китобу-л-мадхал-ил-илм ан-нуҷум ва аҳкомиҳи» («Китоби муқаддима дар илми нуҷум ва аҳкоми он»). Асари маъруфи ӯ «Китоб сувару-л-кавокиб ас-собита» (965) ба шарҳи бурҷҳои дувоздаҳгона, тавсиф ва вазъи онҳо дар гунбази фалак бахшида шудааст. Рисолаи «Китоби тасвири ситораҳои собита» аз тарафи муаррихони илм «Шоҳасари ҳайатшиносии мушоҳидавии асрҳои миёна» номида шудааст. Дар он тавсири 48 бурҷ ва ҷадвали 1017 ситораи собита дода шудааст. Аз феҳристи бурҷҳое, ки дар ин асар оварда шудааст, олимони давраҳои минбаъда (масалан, Берунӣ дар «Осору-л-боқия») истифода бурдаанд.



*Саҳифае аз китоби Сӯфӣ, ки дар он ситораҳои ӣурҷи “Миръоти Мусалсала” (Андромеда) ва ҷойи галактикаи Андромеда нишон дода шудааст*

Абдурраҳмони Сӯфӣ дар дарбори амир Изудуддавла (949-983) чун мунаҷҷим эҳтиром ва эътироф дошт ва кураи арзи (глобус) нуқрагин сохт, ки дертар он дар китобхонаи қасри Фотимиёни Қоҳира гузошта шуд. Абдурраҳмони Сӯфӣ матолиби нуҷумиро ба назми арабӣ кашидааст, ки он бо номи «Урҷузат Абдурраҳмон» ё «Урҷуза фи-л-фалак» маъруф аст. Тадқиқоти Абдурраҳмони Сӯфӣ ба эҷодиёти мактаби мунаҷҷимию ҷуғрофии Берунӣ, Закариёи Қазвинӣ, Насируддини Тӯсӣ, Улуғбек ва дигарон таъсири бузург расонидааст.

Ин асар соли 2020 аз тарафи олими тоҷик Маҳмудҷон Холов ба забони тоҷикӣ таҳия ва нашр гардид.

Ба хотири гиромидошти номи ӯ астероиди 6585 PL, ки дар тасмаи берунии астероидҳо қарор дорад, 12621 Alsufi номгузорӣ шудааст. Ин астероид 24-уми сентябри соли 1960 аз тарафи астрономони ҳолландӣ Ингрид ва Корнелис ван Хаутенҳо дар Донишгоҳи Лейден дар асоси омӯзиши фотолавҳаҳое, ки дар Расадхонаи Паломари ИМА аксбардорӣ шуда буданд, кашф шудааст. Қутраш тақрибан 7 км буда, дар 5 солу 6 моҳ як маротиба дар атрофи Офтоб чарх мезанад.

Ҳамчунин танӯрае дар сатҳи Моҳ низ ба хотири ин олими бузург Azophi номгузорӣ шудааст, ки номи Сӯфӣ дар Аврупо ба ин тарз низ гирифта мешуд. Қутри ин танӯра 47,5 км буда, ҷойи чуқуртарини он 3730 метр аст.

**Ризои БАҲРОМЗОД,**
**ахтаршинос**

# ТЕППАИ ҚӮРҒОН

## баъди матолиби “Тоҷикистон” бозсозӣ мешавад



**Бозсозии Теппаи Қӯрғон - яке аз муҳимтарин иншооти таърихӣ дар шаҳри Бохтар рӯзҳои наздик оғоз мешавад. Дар ин бора зимни нишасти хабарии Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон иттилоъ дода шуд. Ёдовар мешавем, ки дар бораи ҳолати садамавии ин иншоот “Тоҷикистон” солҳои 2021, 2022 ва 2023 мақолаҳо нашр карда буд.**

### То 35-солагии Истиқлол

Теппаи Қӯрғон яке аз ёдгориҳои таърихии нодир мебошад, ки дар маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар воқеъ аст. Дар болои ин теппа Осорхонаи таъриху кишваршиносии «Бибихонум» низ бунёд шудааст. Вале бо сабаби ба ҳолати садамавӣ дучор шудани теппа, чанд сол аст, ки дарҳои он барои тамошобинон баста мебошад.

“Тоҷикистон” дар бораи ҳолати садамавии ин теппа аз соли 2021 ин ҷониб чанд матлаб ба нашр расонид. Билохира, тасмим гирифта шуд, ки Теппаи Қӯрғон бозсозӣ шавад.

Теппаи Қӯрғон бо дастгириву маблағгузории МИҲД-и вилояти Хатлон бозсозӣ мешавад. Лоиҳааш омода шуда, рӯзҳои наздик корҳои сохтмониаш аз ҷониби Меъмории шаҳрсозии шаҳри Душанбе оғоз хоҳад шуд.

Дар нишасти Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон гуфта шуд, ки барои бозсозии иншооти мазкур аз ҳисоби буҷети вилоят дар соли 2024-ум 4,9 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин дар ин мавзеъ сохтмони Амфитеатр, чойхона, бинои шуъбаи САҲШ-и шаҳри Бохтар дар назар гирифта шудааст.

Барои бозсозии пурраи Теппаи Қӯрғон, тибқи ҳисобҳои пешакӣ, 50 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки корҳои сохтмонии он соли 2024-ум оғоз шуда, дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвар, яъне соли 2026-ум ба истифода дода мешавад.

### Теппаи шоҳон ва Бибихонум

Муаррихон мегӯянд, ки пайдоиши Теппаи Қӯрғон аз асрҳои 1-2 оғоз ёфтааст. Он муъҷизаи табиат набуда, дастӣ сохта шудааст. Дар болои он қасри шоҳони Вахшонзамин ва дар асри 19-20 қалъаи Беки Қӯрғонтеппа ҷойгир будааст. Ин теппаи таърихӣ аҳамияти бузурги таърихӣ дорад ва яке аз намодҳои асосии шаҳри Бохтар аст.

Теппа қаблан муҳимтарин мавзеъ барои сайёҳони дохил ва хориҷи кишвар буд. Ҳамарӯза даҳҳо нафар аз он дидан мекарданд. Ҳамчунин, макони фароғату истироҳати сокинон буд.

Дар болои теппа Осорхонаи таъриху кишваршиносии «Бибихонум»-и шаҳри Бохтар соли 1999 дар арафаи ҷашни 1100-солагии асосгузори давлати тоҷикон шоҳ Исмоили Сомонӣ таъсис дода шуд. 24-уми сентябри ҳамон сол бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин осорхона ба истифода дода шуд. Вале бо сабаби ба ҳолати садамавӣ рӯ ба рӯ шудани теппа айни замон дари осорхона баста аст. Осорхона дорои беш аз 2 ҳазору 468 нигораи таърихӣ буда, аз 24 гӯша иборат аст. Бозёфтҳои таърихии он ба асрҳои 7-9 то инҷониб рост меоянд.

**Д. ҚОДИРПУР,**
**шаҳри Бохтар**

# ВОРИДОТ ЗИЁД, НАРХ БОЛО МЕРАВАД

## Чаро гази моеъ дар Тоҷикистон қиммат шуд?

**Чанд рӯзи охир ронандагон аз болоравии нархи гази моеъ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории кишвар изҳори нигаронӣ доранд. Дар баробари ҷаҳиши нархи газ, боз камчинии он ба мушоҳида мерасад. Аммо Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон ахиран аз воридоти барзиёди маҳсулоти сӯзишворӣ, аз ҷумла газ хабар дод. Аҷиб, воридот зиёд асту нарх майли болоравӣ дорад!**







### Аз камчинӣ то навбатпой

Ҳоло дар нуқтаҳои фурӯш як литр гази моеъ аз 7 сомонӣ бештар аст. Ин дар ҳолест, ки моҳе қабл 1 литр гази моеъ аз 5 сомонию 60 дирам то 6 сомонӣ зиёд набуд. Ронандагон мегӯянд, ки пас аз соати 10-и саҳар боз дар нуқтаҳои фурӯш камчинии газ ба мушоҳида мерасад. “Саҳар барвақт аз хона мебароям. Мошинҳо зиёданд. Намехоҳам, ки дар назди нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ навбат истам. То соати 9-10 тавонистед, мошинро бо газ пур мекунед. Баъд аз он дар бисёр ҷойҳо газ нест”,- мегӯяд Фирдавс, ронандаи таксӣ.

Ин ронандаи таксӣ бо нигаронӣ иброз медорад, ки ҳар сол моҳои сентябр - октябр нархи гази моеъ боло мерафт. Номбурда ташвиш аз он дорад, ки нархи газ ба 10 сомонӣ нарасад, ки ин зиён ба ҷайби мардуми камбағалу ронандаҳои мусофиркаш мешавад.

### Мушкилот дар гармо ё воридот?

Хабарнигори Pressa.tj дар Суғд низ болоравии нархи газро мушоҳида кардааст. Ӯ мегӯяд, ки бо вуҷуди камтар шудани ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар навоҳии Суғд, дар ин рӯзҳои гармои шадиди фасли тобистон нархи гази моеъ тамоюли болоравӣ дорад.

> **БА ТОҶИКИСТОН АСОСАН МАВОДИ СӮХТ АЗ РУСИЯ ВА ҚАЗОҚИСТОН ВОРИД КАРДА МЕШАВАД. АММО ВОРИДОТИ МАҲСУЛОТИ НАФТӢ АЗ РУСИЯ БА ТОҶИКИСТОН БА ТАВРИ НАЗАРРАС ЗИЁД ШУДААСТ.**

Фурӯши гази моеъ дар ширкатҳои таъминкунандаи маводи сӯхт дар шаҳри Хуҷанд ва навоҳии атрофи он дар муқоиса ба рӯзҳои қаблӣ якбора 50 - 60 дирам баланд шудааст. Яъне, 1 литр нархи гази моеъ ҳоло то ба 6,7 - 6,8 сомонӣ дакка хӯрдааст. Чанд рӯз пеш ин навъ маводи сӯхт 6,2 сомонӣ дар фурӯш будааст.

Аммо ҳоло ширкатҳои таъминкунандаи маводи сӯхт сабаби баландшавии нархро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Бархе ин вазъро ба мушкили воридоти он дар гармои ахир рабт медиҳанду баъзеи дигар ба баландшавии қимати воридот.

### Воридот зиёд шудааст, аммо…

Ба Тоҷикистон асосан маводи сӯхт аз Русия ва Қазоқистон ворид карда мешавад. Аммо воридоти маҳсулоти нафтӣ аз Русия ба Тоҷикистон ба таври назаррас зиёд шудааст. Воридоти маҳсулоти нафтӣ аз Русия ба Тоҷикистон дар доираи тавозуни индикативӣ дар нимсолаи аввали соли равон 524,2 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Аз ҷумла, ин маҳсулоти нафтӣ иборат аст аз:

*- 236,6 ҳазор тонна бензин;*
*- 223,2 ҳазор тонна сӯзишвории дизелӣ;*
*- 22,7ҳазор тонна сӯзишвории реактивӣ;*
*- 62 ҳазор тонна мазут;*
*- 27,9 ҳазор тонна битум;*
*- 5,4 ҳазор тонна мавод (равғанҳо)-и молиданӣ;*
*- 8,2 ҳазор тонна гази моеъ.*

Масъулини Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон мегӯянд, воридоти маводи сӯзишворӣ аз Русия дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 14,3% (65,6 ҳазор тонна) афзудааст, ки 54%-и тавозуни индикативиро ташкил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки шуруъ аз соли 2013 Тоҷикистон маводи сӯзишвориро аз Русия дар асоси имтиёз мегирад.

Тоҷикистон ҳар сол то аввали моҳи сентябр ҳаҷми зарурии маҳсулоти нафтиро ба Русия пешниҳод мекунад, ки соли оянда он аз пардохти боҷи содиротии гумрукӣ озод карда мешавад.

Мақомоти салоҳиятдори ду кишвар то 1-уми октябр ҳаҷми истифодаи дохилиро дар Тоҷикистон барои соли оянда мувофиқа карда, дар бораи интиқоли ҳаҷми мушаххаси маҳсулоти нафтии Русия ба Ҷумҳурӣ карордод (тавозуни индикативӣ) ба имзо мерасонанд.

Ҳаҷми дархостшуда барои соли 2024, ки охири соли гузашта онро тарафҳо мувофиқа карда буданд, зиёда аз 970 ҳазор тонна муайян шуда буд. Бино ба маълумоти Вазорати энергетика, давоми 6 моҳи соли равон ба Тоҷикистон дар маҷмуъ зиёда аз 783,8 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ ворид карда шудааст. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 10,3% зиёд мебошад.

Аҷобат дар он аст, ки воридоти зиёди сӯзишворӣ ба паст рафтани нарх таъсир намерасонад. Шояд дар ин масъала ниҳодҳои танзиму назорати нархи маҳсулоти сӯзишворӣ ягон чораи дахлдор меандешанд? Зеро болоравии нархи сӯзишворӣ пеш аз ҳама таъсир ба маҳсулоти бозору хизматрасониҳои нақлиёти мусофиркаш мерасонад.

**У. РАҲИМЗОДА**

---

## Аз нишасти матбуотӣ



**Рухсатипулии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар вилояти Хатлон пурра пардохт шудааст. Ин нукта дар нишасти Сарраёсати молия дар вилояти Хатлон зикр шуд.**

Ҳабибулло Иззатуллозода, сардори Сарраёсати молия дар вилояти Хатлон афзуд, ки то 25-уми июли соли 2024 рухсатипулии омӯзгорон пардохт гардидааст. Ӯ мегӯяд, ки дар маҷмуъ рухсатипулии омӯзгорон 219 миллиону 800 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар вилояти Хатлон 1 ҳазору 386 муассисаи таълимӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо 47 ҳазору 202 омӯзгор ба кор ҷалб гардидаанд.



**Имсол низ тавассути ярмарка 108 нафар хатмкунандаҳои гурӯҳҳои буҷавии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон аз тарафи зерсохторҳои Вазорати кишоварзӣ бо кор таъмин шудаанд.**

Дар ин бора ректори донишгоҳ Усмон Маҳмадёрзода дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод. Номбурда қайд кард, ки дар донишгоҳ тамоми донишҷӯёни тибқи квотаи президентӣ таҳсилкунанда бо хобгоҳ ва идрорпулӣ таъмин мебошанд. Кумакҳои яквактаи донишгоҳ ва садорати факултетҳо дар арафаи иду ҷашнҳо мунтазам ба ин донишҷӯён ва собиқадорони ин даргоҳ расонида мешавад.



**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соҳиби нерӯгоҳи барқии офтобӣ шуд. Дар ин бора ректори ин муассисаи олӣ Хайрулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ ба хабарнигорон иттилоъ дод.**

“Тоҷикистон дорои иқлими офтобӣ аст. Ин ҷиҳатро ба назар гирифта, дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ду нерӯгоҳи барқии офтобӣ ба истифода дода шуд”,- гуфт ректор. Нерӯгоҳҳои мазкур дар ҳамкории донишгоҳ бо ҶСК “Тоҷикгидроэлектромантаж” ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон бунёд гардидаанд.

# АББОС АЛИЕВ

## Яке аз поягузорони матбуоти тоҷик



Дар замони маҳви маънавии миллати тоҷик, бахусус солҳои 20-уму 30-юми садаи XX як идда фарзонафарзандони баруманди тоҷик дар зери парчами худогоҳиву худшиносӣ гом ниҳода, баҳри пойдории маорифу маданият ва забони миллати худ талош карданд. Ин шахсиятҳо Садриддин Айнӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов, Абулқосим Лоҳутӣ, Саидризо Ализода, Аббос Алиев, Нисор Муҳаммад ва дигарон буданд, ки ҳар яке барои пуштибонӣ аз ҳақи маънавии миллати худ, пойдории манфиатҳои миллӣ, забон ва мактабу маорифи тоҷикӣ ба мубориза бархостанд.

Арбоби маъруфи сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, нахустин вазири маорифи Тоҷикистон (1924), нахустин профессори тоҷик (1940) Аббос Алиев дар ин радиф аст, ки ба зиндагиномаи ин шахсияти таърихӣ 120 сол пур мешавад. Аз зиндагиномаи Аббос Алиев маълум аст, ки ӯ дар фаъолиятҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҳамеша чун муборизи шуълавар дар роҳи ҳақ ва дифоъ аз ормонҳои миллати худ талош кардааст. Ин рӯҳияро мо аз нигоштаҳояш низ дармеёбем.

Аббос Алиев дар Бухоро ба дунё омада, дар хурдсолӣ аз падару модар маҳрум мондааст ва айёми наврасиаш дар шаҳри Чорҷӯй «дар хонаводаи болшевики рус Хрони» гузаштааст. Аз он ҷо ба ҷунбиши озодихоҳии инқилобии Бухоро ҳамроҳ шуда, солҳои 1918-1920 дар созмонҳои коммунистии Бухоро ва Когон (Бухорои Нав) фаъолият намудааст.

Ӯ аз ташкилчиёни Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухоро мебошад, ки дар аввалин идораҳои давлатӣ кор кардааст. Муддате дар рӯзномаҳои «Кутулиш» ва «Бухоро ахборӣ» ҳамкорӣ намудааст. Бо таъсиси Ҷумҳурияти Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) ӯ ба Душанбе меояд ва то соли 1927 дар вазифаи вазири маорифи Тоҷикистон - комиссари халқии маориф фаъолият мекунад.

Аббос Алиев ба сифати вазири маориф ба кушодани нахустин мактабҳои шӯравӣ ва тарбияи аввалин муаллимони ин мактабҳо машғул шуда, барои ба вуҷуд овардани низоми нави замонии таҳсилот дар Тоҷикистон нахустин қадамҳои ҷиддӣ гузошт. Барои таъсиси якумин маҷаллаи соҳавии Тоҷикистон «Дониш ва омӯзгор» бисёр давутоз кард ва соли 1926 сармуҳаррири он буд. Инчунин нахустин рӯзномаи Тоҷикистон «Иди тоҷик» (ҳоло «Ҷумҳурият») бо ширкати фаъолонаи ӯ таъсис ёфтааст. Солҳои 1927-1930 дар Институти ховаршиносии Маскав таҳсили илм намуда, солҳои 1930-1936 устоди Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (САГУ, Тошканд) ва Дорулмуаллимини тоҷикон (Тошканд) будааст.

Солҳои 1940-1945 дар Институти давлатии педагогии Душанбе ба ҳайси мудири кафедраи таърихи Шарқи Қадим ва халқҳои СССР ва декани факултети таърих фаъолият кардааст. Солҳои 1945-1954 дар донишкадаҳои омӯзгории шаҳрҳои Фрунзе (ҳоло Бишкек) Днепропетровск, Донишгоҳи давлатии Қазоқистон дар вазифаҳои профессор ва мудири кафедраҳои таърихи умумӣ, таърихи халқҳои СССР фаъолият доштааст.

Соли 1954 ба Алма-Ато меояд ва то охири умр - 15-уми январи соли 1958 мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Қазоқистон будааст.

Аббос Алиев баробари дар вазифаҳои гуногун кор кардан аз ходимони фаъоли матбуоти даврӣ маҳсуб меёфт. Нигоштаҳои публитсистии ӯ доир ба масъалаҳои муҳими рӯз дар нашрияҳои даврии замонаш интишор гардидаанд. Бахусус дар ибтидои солҳои бисту сиюми қарни XX ӯ чун публитсисти оташинсухан бо нигоштаҳои рӯзмаррааш дар ҷумҳурӣ машҳур будааст. Мақолаҳояш бештар масъалаҳои миллӣ ва маорифу фарҳангро дар бар мегиранд. Ӯ муаллифи 29 асар, рисолаҳои илмӣ ва як қатор мақолаҳои публитсистӣ аст, ки дар онҳо роҷеъ ба таърихи давлатдории тоҷикон ва халқҳои Осиёи Миёна сухан рафтааст. Ӯ танҳо барои ду асари илмиаш - «Таърихнигории Шарқи қадим (1933)» ва «Таърихи халқҳои Осиёи Миёна» (1935) соли 1947 аз ҷониби комиссияи аттестатсионии Русия ба дараҷаи илмии унвони доктори илми таърих сазовор гардидааст. Охирон асари Аббос Алиев «Октябри Кабир ва бедории шуури инқилобии халқҳои Бухоро» ном дорад, ки пас аз марги муаллиф соли 1958 бо забони русӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон интишор шудааст.

Азбаски Аббос Алиев худ таърихнигори беҳамто буд, ин ҷиҳат дар публитсистикаи ӯ низ бартарӣ дорад. Ӯ дар баррасии ҳар гуна масъала ба далоили таърихӣ ишора мекунад. Дар раванди таҳқиқи осори публитсистии дар матбуоти даврӣ чопшудаи Аббос Алиев мо хостем танҳо ба ҷанбаи маорифпарварӣ диққат диҳем, вале назари моро дигар паҳлуҳои публитсистикаи ӯ, аз қабили масъалаҳои сиёсӣ низ ҷалб намуд, ки аз нуқтаи назари илмӣ баҳо додан ба ин гуна осор аз манфиат холӣ наховад буд.

Аббос Алиев дар мақолаи «Масъалаи алифбои тоза», ки дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» (1926.- №3-4.- 15-уми июл) чоп шудааст, масъалаи қабул намудани алифбои лотиниро, ки яке аз силоҳҳои сохтмони низоми нав дар ҷумҳурӣ маҳсуб мешуд, тарафдорӣ мекунад.



*Аббос Алиев бо Абулқосим Лоҳутӣ*

Аббос Алиев дар солҳои Нозири маорифи Тоҷикистон будан муборизаи зидди пантуркизмро идома додааст. Намунаи барҷастаи ин муборизаи мақолаи машҳури ӯ «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофи он» аст, ки соли 1928 дар шумораи 11-12-и маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп шуд. Аббос Алиев, ки худ бевосита дар идораҳои масъули Ҷумҳурии Бухоро фаъолият карда, шоҳиди зиндаи ӯзбекгардонии тоҷикон буд, дар ин мақола бо далелҳои раднопазир ин ҷабри таърихро, ки ба сари тоҷикон ичборан бор шуда буд, ба баррасӣ кашидааст. Ӯ масъалаи баррасишавандаро дар 6 бахш: оғоз, назаре ба санадҳои таърихӣ, масъалаи забони тоҷикӣ дар замони амирони Бухоро, масъалаи тоҷикон дар Бухорои имрӯза, сабабҳои ӯзбек номида шудани халқи Бухоро ва чӣ бояд кард? ба шакл медарорад.

Дар ин мақола ӯ чун Абдулқодир Муҳиддинов ва дигарон кӯшидааст исбот кунад, ки мардуми Бухоро ва атрофи он тоҷиканд, бояд расман худро тоҷик ҳисобанд, мактабҳои тоҷикӣ дошта бошанд.

Ин мақолаи Аббос Алиев ба мисли нигоштаҳои роҳбарони вақти Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Абдулқодир Муҳиддинов, Чинор Имомов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нисор Муҳаммад падидае аз ҳақталабии миллии мардуми тоҷик ва муборизаи миллии озодихоҳии эшон аст.

А. Алиев дар иртибот ба воқеаҳои байналмилалӣ низ мақолаҳо навиштааст. Аз он ҷумла «Сиёсати ҷаҳонгирони англис дар Афғонистон» (Раҳбари дониш.- 1929.- №1) ва «Дунёи сармоядорӣ ва Шарқи наздик» (Раҳбари дониш.- 1930.- №4-5) аз ин қабил мақолаҳоянд. Дар ин мақолаҳо муаллиф сиёсати давлатдории англисҳоро, ки Ҳиндустон ва Афғонистонро мустамликаи худ карда буданд, ба баррасӣ кашидааст.

Як хусусияти дигари нигоштаҳои Аббос Алиев ин аст, ки таъсири рӯҳияи идеологии замон дар онҳо бештар эҳсос мешавад. Гоҳо муаллиф чунон ба сиёсати замона ба идеологияи давр дода мешавад, ки аз накӯҳишу танқидҳои шадид ва айбҷӯии нисбат ба дигарон истиҳола намекунад. Ин хислати Аббос Алиевро шоир Боқӣ Раҳимзода ҳам дар як мақолаи худ таъкид кардааст: «Ӯ марди фозил, андак тезмиҷоз ва одами ҳақҷӯ менамуд. ... айби асосии Аббос ба назари ман дағалии табиии ӯ буд» (Маориф ва маданият.- 1977.- 30-юми июн). Дар ағлаби нигоштаҳои А. Алиев ин ҷиҳати хислати ӯ эҳсос мешавад. Аз ҷумла дар мақолаҳои «Таърих ба сухан даромад» (Тоҷикистони Сурх.- 1933.- 16-17-уми май.- №110-111) ва «Ёрӣ ба журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (БАС.- 1933.- №7.- С.18-21) ин хислат бараъло ҳис мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббусҳои Сарвари фарҳангсолори худ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолӣ барои шинохти асолати миллӣ ва бознигарии таърихи гузаштаи худ иқдоми тозаеро роҳандозӣ кард. Маҳз дар ин раванд аъмоли бисёре аз чеҳраҳои фидоии миллат дубора бо аслияти худ намо гардид. Дар чунин шароит омӯзиш ва пажӯҳиши корномаву фидокориҳои чунин ашхосе, ки дар садри таъсиси ин кишвар буданд, барои насли имрӯз ва оянда шоистаи ибрат хоҳад буд.

**Мурод МУРОДӢ,
профессор,
Фаридун РАҲМОНЗОДА,
пажӯҳишгар**

# ҶИНОЯТКОР АЗ ЗИНДОН ПАЙДО ШУД

**Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе рӯзи 29-уми июли соли 2024, ҳамагӣ 2 ҳафта баъди эълони 100 ҳазор сомонӣ мукофот, аз ошкор шудани ҷинояткоре хабар дод, ки моҳи январ ронандаи таксӣ Зиёвиддин Бекови 23-соларо маъюб кард.**








Гуфта мешавад, ки ҷинояти мазкур "дар натиҷаи коркарди ахбори расида" ошкор шудааст.

"Кормандони Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатиро, ки 15-уми январи соли 2024 дар кӯчаи Яккачинори шаҳри Душанбе содир шуда, боиси ҷароҳат бардоштани ронандаи таксии ширкати «Як таксӣ» Беков Зиёвиддин гардида буд, ошкор карданд",- зикр мешавад дар хабари Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе.

Ёдовар мешавем, ки он замон мусофири кирокаш дар посух ба дархости ронанда Зиёвиддин Беков ҷиҳати пардохти 37 сомонӣ ҳақи сафар, ба ҷисми ӯ панҷ корд задааст. Ҳамакнун, беш аз 7 моҳ мешавад, ки Зиёвиддин Беков тахти табобат қарор дорад ва ӯро ҷарроҳии дигар дар пеш аст.

Бино ба маълумоти Раёсат, ҷинояти мазкур аз ҷониби Абдуҷаббор Ғозиеви 25-сола, сокини ноҳияи Рӯдакӣ содир шудааст.

"Қобили зикр аст, ки номбурда собиқаи ҷиноятӣ дошта, қаблан маҳбасӣ гардидааст. Инчунин, моҳи феврали соли 2024 низ барои содир намудани ҷиноятҳои дуздӣ дар ҳудуди н. Рӯдакӣ дастгир гардида, айни замон дар маҳбас адои ҷазо намуда истодааст",- омадааст дар хабари Раёсат.

Ба иттилои манбаъ, зимни пурсиш гумонбаршаванда Абдуҷаббор Ғозиев пурра ба ҷинояти содирнамудаи худ икрор гардидааст.

Ёдовар мешавем, ки 2 ҳафта қабл Раёсати ВКД дар пойтахт барои дарёфт ва иттилоъ дар бораи гумонбари ба ронандаи таксӣ дар Душанбе зарарасонида 100 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ эълон кард.

"Маҳз дар натиҷаи коркард ва санҷиши ахбороти аз ҷониби як нафар шаҳрванд, ки тариқи суроғаҳои электронӣ ба мақомоти милитсия ворид гардид, гумонбари ҷинояти қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки беш аз 6 моҳ дар ҷустуҷӯ қарор дошт, муайян карда шуд.

Роҳбарияти мақомоти милитсияи пойтахт ба шахси мусоидаткунанда изҳори сипос намуда, 100 ҳазор сомонӣ мукофот, ки барои ошкорсозии ин ҷиноят эълон гардида буд, ба ҷавони мусоидаткунанда супорида шуд",- хабар медиҳад Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе.

# ҚАҲРАМОНИИ ҶАВОНИ ТОҶИК ДАР МОСКВА

## Чаро мақомоти Русия онро пинҳон карданд?

**Муҳаммадҷон Обидов, ҷавони 23-солаи зодаи Тоҷикистон, ки дар ширкати "Яндекс Лавки" дар Маскав ба ҳайси ғизорасон (курьер по доставке продуктов) кор мекунад, як тифли навздоро аз дасти як марди кӯдакдузд наҷот дод.**




Ҳодиса рӯзи 24-уми июли соли 2024 дар гузаргоҳи Фарғона (Ферганский проезд) дар ноҳияи Вихино-Жулебино дар ҷанубуғарби пойтахти Русия рӯй дод. Дар сабти дурбини видеокамераҳои назоратӣ дида мешавад, ки як мард дар даруни боғ ба занаи кӯдакдор ҳамла оварда, ӯро зада, аз пой меафтонад ва кӯдакашро аз дасташ кашида мегирад. Дар сабт ҳамчунин курери савори скутер дида мешавад, ки бо дидани ин ҳолат бошитоб аз скутераш пиёда шуда, марди кӯдакдуздро таъқиб мекунад.

Бино ба фарзияи тафтишот, кӯдакдузд бо истифода аз зӯроварӣ кӯдаки навзоди як зани ношиносро кашида гирифта, "кӯшиш кардааст, ки фирор кунад, вале як шоҳиди ҳодиса ӯро таъқиб кардааст. Дар натиҷа гумонбаршаванда тифли навзодаро ба замин партофт, ки боиси ҷароҳатҳои зиёди ҷисмонӣ бардоштани кӯдак шуд". Вале Сарраёсати тафтишоти Маскав номи ҷавони тоҷикро, ки кӯдакро аз дасти кӯдакдузд наҷот дод, зикр накарда, ӯро танҳо ҳамчун "шоҳиди ҳодиса" ном бурдааст.

# БОЗДОШТИ 500 НАШЪАҶАЛЛОБИ ТОҶИК ДАР РУСИЯ

**Мақомоти Русия дар нимаи аввали соли 2024 беш аз 500 шаҳрванди Тоҷикистонро бо гумони даст доштан дар қочоқи маводи мухаддир дастгир кардааст.**




Зафар Самад, директори Агентии мубориза бо маводи нашъадори Тоҷикистон рӯзи 29-уми июли соли 2024 дар нишасти хабариаш гуфт: "Дар 6 моҳи аввали соли 2024 дар кишварҳои хориҷӣ 528 шаҳрванди Тоҷикистон бо гумони қочоқи маводи мухаддир дастгир шудаанд. Аз ҳама бештар - 502 нафар дар Федератсия Русия, 23 шаҳрванди мо дар Ӯзбекистон ва 3 нафар дар Қазоқистон ба даст афтодаанд. Аз онҳо дар умум 96 кило маводи нашъадор мусодира кардаанд".

Дар моҳҳои январ - июни соли 2024 дар Тоҷикистон дар маҷмӯъ беш аз 3 тонна, дақиқтараш 3 тоннаву 96,6 кило маводи мухаддир дарёфт ва мусодира карда шудааст, ки ин назар ба нимаи аввали соли гузашта 619 кило, ё 25% бештар аст.



**Дар вилояти Хатлон тайи 6 моҳи соли равон вобаста ба тақсимоти ғайриқонунии замин нисбати 58 мансабдор ва шахсони масъул парвандаи ҷиноятӣ боз гардид.**

Дар ин бора Авазҷон Назарзода, прокурори вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод. «Миёни мансабдорон 28 парванда нисбати раисон ва кормандони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, 6 парванда нисбати кормандони Кумитаи идораи замин ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ва дигар шахсони мансабдор боз карда шудааст»,- гуфт Назарзода.



**Иттифоқи "Тоҷикматлубот" эълон кард, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ шумораи бозорҳо 61 ададро ташкил медиҳад. Дар ин бора муовини раиси Иттифоқи "Тоҷикматлубот" Хуршед Раҳмонализода имрӯз зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**

Ба гуфтаи вай, дар бозорҳо ва дигар иншооти соҳа 20 ҳазору 500 шаҳрвандони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд. Ёдовар мешавем, ки соли 2023 дар Тоҷикистон 33 ҳазор соҳибкор сабти ном шуда, дар ин росто 25,1 ҳазор субъектҳои соҳибкорӣ фаъолияти худро қатъ кардаанд.



**Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 10 шаҳрванди хориҷӣ барои қочоқи маводи мухаддир боздошт шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 5 нафар зиёданд.**

Ин омор дар нишасти матбуотии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дод.

Ба гуфтаи Самад Зафар, директори Агентии мазкур, аз онҳо беш аз 235 кг маводи мухаддир мусодира гардидааст. Аз шумораи умумии боздоштшудаҳо 5 шаҳрванди Афғонистон, 3 шаҳрванди Ӯзбекистон ва 1 шаҳрванди Қазоқистону Қирғизистон мебошанд.

# БУҒУМИ СУНЪӢ

## Ё умри дубора ба беморон



**Хуршед ДӮСТОВ,**
*ҷарроҳ*



**Умедҷон АСАДУЛЛОЗОДА,**
*ширкати "Тез фарм"*

**Чанд сол пеш мафҳумҳои "коксартроз", "некрози асептикии сараки ронҳо", "Остеартрози буғумҳо" ва дигар навъи бемориҳои вобаста ба буғумҳои пою дастҳо барои мардуми кишвари мо бегона буд. Вале имрӯзҳо теъдоди гирифторони ин бемориҳо афзудааст…**

Худи ман дар синни ҷавонӣ бо пайдо гардидани дард дар буғуми саршавии пой (кос), ки "коксартроз" ном мебаранд, поямро ҷарроҳӣ кардам. Ҷойи буғуми кос ва рон (шаравой) табиби кордону ҳозиқ, номзади илмҳои тиб, корманди МД ММТҶТ "Шифобахш" (Қарияи боло) Хуршед Дӯстов "Эндопротез тазобедренного сустава" (буғуми сунъӣ) гузоштанд. Қаблан касе ба бемории "коксартроз", "некроз" ва ё умуман пӯсиши буғумҳо гирифтор мешуд, аз устухон ва ё пояш маҳрум гашта, давоми умрашро бо асо мегашт ё бо харҷи маблағи калон дар хориҷи кишвар ҷарроҳӣ мешуд.

Буғуми сунъӣ (Эндопротез тазобедренного сустава)-ро мардум чанд сол қабл аз хориҷи кишвар бо як маблағи калон дастрас мекарданд. Вале хушбахтона, ҳоло эндопротезҳоро ширкатҳои ватанӣ ворид мекунанд. Яке аз онҳо ширкати "Tez farm" "Тез фарм" мебошад.

Бо ҷарроҳ Хуршед Дӯстов ва соҳибкору муассиси ширкати "Tez farm" Умед Асадуллозода доир ба нақши "Эндопротез тазобедренного сустава" дар ҳаёти беморон, кафолати он, роҳҳои воридоту нигоҳдорӣ ва ғайра суҳбат оростем.

**- Умедҷон, аз кай ширкати шумо ба воридоти "Эндопротез тазобедренного сустава" машғул аст?**

- Ширкати мо соли 2016 таъсис ёфтааст ва ба воридоти доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ машғул аст. Махсусан таҷҳизоти мазкурро аз соли 2017 инҷониб ба кишвар ворид мекунем.

**- Эндопротезе, ки шумо ворид мекунед, чанд сол кафолат дорад?**

- Як умр. Агар пой нашиканад ё мошин зер накунад, як умр хизмат мекунад, танҳо қисмати поёнии он, ки пластмасса аст, вобаста аз сифату истеҳсолаш аз 10 то 25-30 сол кафолат дорад. Маҳсулоте, ки мо ворид мекунем, аввал дар Фаронса коркард мешавад ва баъд ба Тоҷикистон меояд. Пурра ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ аст. Он аз устухони инсон дида боқувваттар аст.

**- Доктор Дӯстов, сабаб ва ё омилҳои ба чунин бемориҳои буғум гирифтор шудан дар чӣ аст? Чаро замони пеш мардум аз чунин бемориҳо шикоят намекарданд?**

- Сабабҳо гуногунанд. Аз модарзодӣ то садамаву норасоии витаминҳо (калтсий), истеъмоли нодурусти ғизо ва ғайра. Ғизои асосии буғумҳо ин витамини "калтсий" аст, ки дар ҳолати норасоии он инсоният ба дарди буғум гирифтор мешавад ва то ҷарроҳӣ оварда мерасонад. Баъд аз гузаронидани бемории "COVID-19" низ аксар нафарон аз ин навъи беморӣ шикоят мекунанд… Наметавонам инкор кунам, ки замони пеш чунин бемориҳо набуданд. Буданд, вале хеле кам. Зеро он вақт ғизои мардум солим буд. Омехтаи ҳар гуна маводҳои кимиёвӣ набуд. Имрӯз қариб 90 дарсади маҳсулоти ғизоии мо омехтаи "химикат" аст. Ҳамчунин, мутахассисони бемориҳои буғуми косу рон дар кишвари мо набуданд ва ин гуна ҷарроҳиҳо низ дар хориҷ гузаронида мешуданд.

**- Кадом буғумҳои бадан дар кишвари мо имкони иваз карданро доранд?**

- "Эндорпротез" барои ҳама буғумҳо ҳаст. Аз ҷумла, буғуми косу рон, буғуми зону, китф, оринҷ ва панҷа, аммо дар кишвари мо танҳо буғуми косу рон ва зону иваз карда мешавад. Ба ғайр аз ин, худи ман се беморро, ки бемории саратон доштанд, буғуми китф иваз кардаам, ки то ҳол ҳаёт ба сар мебаранд.

**- Дар як сол худи шумо чӣ қадар ҷарроҳии эндопротез мегузаронед?**

- Бештар аз сад ҷарроҳии эндопротез мегузаронем. Сар карда аз ҷавони 19-сола то мӯйсафеди 93-соларо ҷарроҳӣ кардаам.

**- Умедҷон, чуноне медонем, эндопротезҳои аз хориҷ меовардаатон таркибаш титан аст. Оё ба организм зарар расонида метавонад?**

- Не, ин ба организми инсон безарар аст.

**- Дар кадом ҳолат дар вақти ҷарроҳӣ мушкилӣ пайдо мешавад?**

- Албатта, як ҳолат мавҷуд аст. Вақте калсийи бемор кам бошад, вақти гузоштани "Эндопротез тазобедренного сустава" метавонад мушкил пайдо шавад. Вале мо ин муамморо низ ҳал кардем. Калсийи махсус овардем, ки ҳам ба саломатӣ безарар аст ва ҳам барои чунин ҷарроҳӣ пешбинӣ шудааст.

**- Дар истифодаи "Эндопротез" синну сол ба инобат гирифта мешавад?**

- Не, бемороне, ки аз ширкати мо "Эндопротез тазобедренного сустава" харидорӣ кардаанд, синну соли гуногун доранд. Онҳо аз 18-сола то 103-сола ҳастанд.

**- "Эндопротез тазобедренного сустава" андозаи муайян дорад?**

- Бале, аммо Рентген андозаи устухони беморро нишон намедиҳад. Аз ин сабаб, мо чанд андоза равон мекунем ва духтури ҷарроҳ вақти ҷарроҳӣ андозаи даркориашро истифода мебараду дигарҳояшро бармегардонанд.

**- Савол ба ҳардуи шумо. Умедҷон аз тиҷорат ва доктор Дӯстов аз ҷарроҳӣ фоидаи калон меёбед?**

- Не.

**- Пас чаро машғулият доред?**

- Ҳадаф як аст, нафъ расонидан ба халқу Ватан!

**- Саломат бошед!**

**Қурбон АҲМАДЗОДА,**
**рӯзноманигор**



# Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Нимаи аввали ҳафта коратон хеле зиёд мешавад, аз сидқи дил меҳнат кунед, самари меҳнатҳоятонро ҳатман мебинед. Вазъи иқтисодиятон чандон хуб набошад ҳам, кӯшиш намоед аз ин ҳам бадтар нашавад. Аз рӯйи ҳар гапу кори ночиз бо дӯстдоштаатон мунокиша накунед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ҳафтаи нав дар ҳаётатон тағйироти тақдирсоз рух медиҳад. Вазъи молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад, вале агар ҳушёриро пеша накунед, шуморо хатар интизор аст. Муносибатҳоятонро бо атрофиён дида бароед, вагарна кор бо мунокиша меанҷомад.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Нисбати саломатии худ бодиққат бошед. Табъатонро болида нигоҳ доред, он гоҳ дар ҳама кор муваффақ мегардед. Ҷавзоҳое, ки зиёд сигор мекашанду май менӯшанд, бояд ин одатҳои бадро партоянд. Аз беҳуда сарф кардани маблағ худдорӣ намоед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Дар ягон кор шитоб накунед, вагарна ба хатоӣ роҳ медиҳед. Танҳо бо кумаки наздиконатон корҳоятон пеш меравад. Аз ягон кумак рӯ натобед, айни замон вақти ғуруру такаббури шумо нест. Ба хӯрокҳои кӯчагӣ дил набандед, танҳо хӯроки хонагиро истеъмол кунед.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Дар ин ҳафта ақаллан чанд рӯз фориғ аз тамоми мушкилоти корӣ ва рӯзгор истироҳат намоед. Бештар бо нафарони табъи дилатон нишаста, дами беғам бароред. Мушкилоти иқтисодӣ роҳи ҳалли худро меёбанд, ба шарте ки нағзакак заҳмат кашед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Аз навгониҳои нишотовари зиндагиятон хушнуд шавед ҳам, дар ин бора ба ҳама нақл накунед, вагарна ба хушбахтиятон чашми бад мерасад. Дар ҷойи кор суханро санҷида ба забон оред, танқиди дигаронро шунида, хафа нашавед, балки аз пайи ислоҳ шавед.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Дар ҳафтаи нав бо вуҷуди он ки рафтори шумо рафти ҳодисаҳоро тағйир медиҳад, бояд фаъол бошед. Атрофиёнатон нисбати шумо меҳрубон мешаванду дастгирӣ мекунанд. Тамоми корҳои нотамомро то рӯзи шанбе ба анҷом расонед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Воқеаҳои аввали ҳафта табъатонро болида месозанду андуҳи дилатон нест мегардад. Рӯзи чоршанбе ё ҷумъа даромади калони пулӣ имкон дорад, вақте расидааст, ки маҳсули заҳмататонро ҷамъоварӣ кунед. Як қисми маблағро барои рӯзи мабодо пинҳон намоед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Дар ҳаёти шахсии нафароне, ки муносибатҳояшон дар ҳоли ҷудошавӣ қарор доранд, давраи душвор фаро мерасад. Баъзеҳо аз ҷуфти ҳаётиашон ҷудо мешаванд. Корҳоятон дар ҳафтаи нав беҳад зиёд мешаванд. Хариди манзил ва дигар амвол бобарор анҷом меёбад.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Қаҳру ғазаби худро дар ин ҳафта нигоҳ доред, вагарна сабаби мунокиша бо шахси бароятон азиз гашта метавонад. Сабру таҳаммул ва меҳрубонӣ боиси бурдбориҳоятон мегардад. Мушкили асосии шумо дар ин ҳафта норасоии маблағ аст.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Аввали ҳафта аз пайи амалӣ намудани чанд кор нашавед. Дар ҳалли мушкилоти оилавӣ ва таъмини рӯзгор маблағро сарфакорона истифода баред. Даромади нави пулӣ имкон дорад, вале баъдан чанд муддат боз бепул мемонед. Дӯстдоштаатонро фаромӯш накунед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Нафароне, ки бо тиҷорат сарукор доранд, ҳангоми кор бо шарикони нави корӣ ҳушёриро пеша намоянд, беҳтар аст. Ба таърифу хушомадзаниҳо бовар накарда, бо майли худ кор кунед. Аз нафароне, ки пештар шуморо ранҷонида буданд, дурӣ ҷӯед.

# «САФИНАИ БАҲРОМ»

## сазовори ҷоизаи Камол

**Истеъдод ва қобилияти шеърнависии адабиётшинос Баҳром Мирсаидов ба дӯстону пайвандон аз ин пеш ҳам равшан будааст. Аз ҷумла, аз нишаст ва суҳбатҳои сершумори байнихудӣ чунин сириштиэҷодии ӯро хеле вақт боз дарк кардаем. Ва аммо, аз чӣ сабаб, пештар - ҳам дар ҷавонӣ ва ҳам минбаъд ба хонанда шеърашро пешниҳод намекард.**

Вусъати фазои иҷтимоӣ дар чанд соли охир сабаб гардид, ки Баҳром Мирсаид дар айни камолоти пажӯҳишӣ ҷиддан боз ба сари мизи шеъргӯйӣ нишаста, пеш аз ҳама, бо истифода аз саҳифаи фейсбукиаш маҳсули эҷоди шеъриашро ба аҳли мутолиа расонид.

Аз раванди пазироии хонандагон ҳам гӯёву равшан ба назар мерасад, ки шеъри Баҳром Мирсаид дар чашму руҳ ва дили алоқамандони шеър хеле хуш нишастааст. Ашъораш хушпазиранд ва дар доираҳои завқмандӣ хубу матлуб пазируфта шудаанд. Сарчашма ва аз омилҳои муҳими ба олами пурғановати шеър омадани гӯянда дар чунин синни камолот, бешубҳа, истеъдоди фитрӣ ва сириштии ӯ дар ин ҷабҳа мебошад.

Фароҳам омадани маҳсули табъи шоиронаи Баҳром Мирсаид, ки узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст, дар маҷмуаи нахустини шеърии «Сафинаи Баҳром» (Хуҷанд: Ношир, 2022) далели ҳамин нукта аст. Ин дафтар хеле дақиқ равшан мекунад, ки ин гӯянда маҳбуб чун ҳар зарафшонии зарфишони шеър бар ҷон, шеър бар ком ва шеър бар лаб табиатан ШОИР буда ва ШОИР мемонад. Ҷуз ин ҳисси баланди шоиронаи ӯро дар эҳсоси нозуки сухан бояд ҷустуҷӯ кард...

Дафтари «Сафинаи Баҳром» беш аз 200 саҳифа пур-пури шеъри нобу равон ва муассире аст. Ин дафтар боргоҳи муҳаббат ба дунё ва зуҳуроти он, даргоҳи ихлос ба модар - чун офаридаи биҳиштӣ, барояндгоҳи бемонанди ҳисси ишқ ба меҳан, Ватан, маъшуқ ва ғайра аст. Ин дафтар аз шарҳу тафсири комили ишқи вежаи нотакрор ба Ватан, Миллат ва зиндагӣ танида шуда ва ҳузури бобҳои хосаи «Урметаннома», «Зарафшонннома», дилнома, меҳрнома ва сӯгнома дар он баҳрамандии густардаи шоиронаи муаллифро аз зуҳуроти рангини эҳсоси фарзандии Тоҷику Тоҷикистонӣ ба таври доманадор нишон медиҳад.

Бунёди ин дафтари шеър-маҷмуа аз шеъру ғазали нобу хуштоб, рубоиву дубайтии шинам, фардиёти пурмаъниӣ ва дигар навъҳои назми ғиноӣ тарҳрезӣ шудааст. Лаҳни сурудаҳояш ба гунае шевову ширин, сабкаш ба сабки эҷоди гузаштагон хеле наздик буда, дар бархе маврид ба сабкҳои нав ҳам рӯйи ниёз овардааст. Мутолиаи ашъори ин китоб чигунагии шеваи фикру эҷоди он ва бозёфтҳои хубу бобарори шоиронаи муаллифро бозмегӯяд.



Саҳифаҳои аввали китоб пур аз меҳру ихлоси саршор ба Ватан, Модар, дӯстиву рафоқат, ишқу сидқ, покиву ростӣ, худогоҳиву худшиносии миллӣ, ҳофизаи таърихӣ ва паҳлуҳои дигари зиндагӣ мебошад. Шоир ин ҷо ватанро «сарчашмаи саршор аз ишқ», «арзандаи тавсифи такрор», «умеди пирони дилафгор», «овози шаҳмардони шерафкан», «безори номардони беор», «омодаи авфи гунаҳкор» ба ҳисоб оварда, дафтари «осору пайкори ватан»-ро салиқамандона варақ мезанад, симои Тоҷикистонро дар фазои судманди озоду осудаи истиқлолӣ чун як «мулки поку дилнишин» бозменамояд, дар бозгӯйи ваҳдати миллии тоҷикон ҷаҳонро дар «пайванди истиқлоли тоҷик» мебинад, Душанберо ба сифати маскани армону умед - «гулшаҳру гулободу гулафрӯз» ва «маъвои дили мардуми фирӯз» ба доираи муаррифӣ мегирад.

Ашъори ин дафтар, бавежа ғазал (ба миқдори 81 адад) ба хонанда барои фаҳмиши бештари моҳияти ҳаёти пуррамз ва рисолати созандаи инсон мадад расонида, аз ҷанбаҳои пурбору неруманди равонӣ, отифӣ, ғиноӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдоранд. Ин гуна офаридаҳои шоир асосан посухгӯи қолабҳои суннатӣ мебошанд. Ғазалҳои маҷмуа аз салиқаи қобили таваҷҷуҳи шоир дар сароиши ин навъи куҳани шеъри форсӣ-тоҷикӣ дарак дорад, ки хонанда онҳоро хеле бароҳат ва боҳарорат мехонад. Шоир, аз ҷумла, садоқаташро ба чунин навъи куҳани шеър бисёр шевову расо изҳор медорад, ки аз як тараф, диду фикри гӯяндаро ба ин жанр нишон медиҳад:

*Сарҷумлаи девони*
*маонӣ ғазал аст,*
*Навномаи ҳусни*
*навҷавонӣ ғазал аст...*

Гоҳ дар қолабҳои навинимоӣ - ашъори кӯтоҳ даст ба навоварӣ мезанад ва рангҳои таконбахши зиндагиро бозмегӯяд. Аз ин назар «Тафсири ишқ»-и Баҳроми Мирсаид аз беҳтарин тафсирҳои замони мо ба мафҳуму маънои ишқ бо такя ба талмеҳоти хоса аст:

*Ишқ -*
*як неъмати дуздидаи*
*Одам зи биҳишт.*
*Номаи дуздӣ ба пешонии*
*Одам кӣ навишт?*

Қолаби бахшҳои «Урметаннома» ҳам аз анвои якдасти ғазалу дубайтӣ ва «Зарафшонннома» аз анбӯҳи дубайтиву чорпора танида шудаанд. Дар ин бахш аз дафтари сафина як ғазали маъруф ба «Ушшоқи Урметан», 11 дубайтӣ ва 11 рубоӣ ҷой ёфтаанд. «Ушшоқи Урметан» навъе ушшоқномаи сара, ҳамзамон ситоишномаи якдасту якчини муассири ин деҳаи хушманзар дар қаламрави Зарафшони маъруф аст ва тавсифи зебоиву дороиҳои маънавии он ҷо бисёр баланд рӯйи саҳифа омадааст:

*Фалак ойинаи шавқи гулу*
*гулзори Урметан,*
*Ҷаҳон дар орзуи дидани*
*осори Урметан...*

«Урметаннома», дар маҷмуъ, ёдгори раднопазири олами кӯдакиву наврасиҳои ширини муаллиф аст, ки дубайтиҳои он ситоиши ин қаламравро ҳамчун «замини пургуҳар», «диёри пурсамар», «рафиқи пурҳунар» ва ғайра идома медиҳанд. Тасвирҳои хос, ҷолиб ва дилнишин дар бузургии қаламрави зодгоҳи гӯяндаи хушбину хушофар чун «мусиқии дилнавоз», «Шашмақом»-и ғамгудоз», «маҳбубаи покбоз», «гулбонуи мӯдароз», «оинаи чашми боз», «найномаи сӯзу соз» ва ғайра низ диққатбаранд:

*Мусиқии дилнавози*
*ман, Урметан,*
*«Шаҳнома»-и ғамгудози*
*ман, Урметан.*
*Умре ба Зарафшони*
*сухан дил бастӣ,*
*Маҳбубаи покбози ман,*
*Урметан.*

***

*Оинаи чашми бози ман,*
*Урметан,*
*Найномаи сӯзу сози ман,*
*Урметан.*
*Аз мелаи борони баҳорат*
*гардам,*
*Гулбонуи мӯдарози ман,*
*Урметан.*

Шояд «мусиқии дилнавоз», «Шашмақом»-и ғамгудоз» ва «маҳбубаи покбоз» ба тасвир овардани зодгоҳ дар зеҳни гӯянда бо он ҳама ҷозибаҳояш табиӣ бошанд, аммо «гулбонуи мӯдароз» намоёнидани Урметан, бештар ҷозиба меангезад ва бар тозагии тасвир меафзояд.

Рубоиҳои китоб ҳам идомаи суннатҳои рубоисароӣ дар шеъри кунунии тоҷикист, ки дар он назокату наҷобату таровату зарофати сухан хеле хуш ба назар мерасанд. Барои мисол дар рубоии зер гӯянда ҳунармандона сомону бесомонӣ ва Сомониро ба ҳам меоварду дар зеҳни мо ангеза ба бор меоварад:

*Ошуфтаву бошитобу*
*бесомонӣ,*
*Хоҳӣ, ки биёбӣ бастаи*
*сомонӣ.*
*Ту ҳасрати сомониву*
*ман ҳам дорам,*
*Ҳасрат, ки бирафт*
*маснади Сомонӣ.*

“Сафинаи Баҳром” ва муаллифи он бо ҳама фазилату дороии шоиронааш сазовори Ҷоизаи адабии Камоли Хуҷандӣ дар арсаи адабиёт мебошад.

**Субҳони АЪЗАМЗОД,**
**адабиётшинос**
**Одил НОЗИР,**
**журналист**

## МАВЛУДНОМА

**• 1 АВГУСТ •**

**Абдумавлон Азимов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Ҷононбек Асозода** (1954), 70-солагии зодрӯзи рассом, Арбоби ҳунари Тоҷикистон.

**Маҳмадризо Атахонов** (1954), 70-солагии зодрӯзи мутриб.

**Алима Каримзода** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Алихон Мамадризохонов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи билогия.

**Юнус Мамедов** (1944-1995), 90-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

**Ёқуб Одинаев** (1939), 85-солагии зодрӯзи файласуф, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Анатолий Сонин** (1924), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Раҳим Ҳасанов** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми сиёсӣ, профессор.

**• 2 АВГУСТ •**

**Ҳаитбой Лоиқов** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Имомназар Мамадназаров** (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ).

**Миркалон Шоҷонов** (1944), 80-солагии зодрӯзи олми соҳаи тиб.

**Абдураҳмон Юлдошев** (1934-1996), 90-солагии олими соҳаи кишоварзӣ.

**Елена Яковлева** (1909-1980), 115-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

**Алексей Бюргер** (1804-1976), 220-солагии зодрӯзи шоири рус, мутарҷими осори адибони классики форс-тоҷик.

**• 3 АВГУСТ •**

**Иброҳим Барамиков** (1909-1978), 115-солагии зодрӯзи кинооператор, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ.

**Мирзо Бекматов** (1924), 100-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Нуриддин Шамсов** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**• 4 АВГУСТ •**

**Акрам Акобиров** (1954), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Матлуба Ғаффорова** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Абдуаҳад Қодиров** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Константин Пачава** (1919-1993), 105-солагии зодрӯзи адабиётшиноси гурҷӣ, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**• 5 АВГУСТ •**

**Восеъ Азимов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҳамид Муҳаммадиев** (1914-1968), 110-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

**Аҳмад Нозимов** (1939-1983), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Юсуфҷон Сангов** (1944), 80-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Алиҷон Юлдошев** (1944-2011), 80-солагии зодрӯзи шоири ӯзбекзабони Тоҷикистон.

**Пирмурод Шарифов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**• 6 АВГУСТ •**

**Абдукарим Деҳқонов** (1904-1985), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Муборак Шарифова** (1934-2009), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Фаридуни Кор** (1929), 95-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**• 7 АВГУСТ •**

**Фахриддин Турсунматов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Муҳиддин Фарҳат** (1924-1984), 100-солагии зодрӯзи шоир.

**Қизларгул Худойқулова** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Нодири Нодирпур** (1929-2000), 95-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба Хусейнов Далер, РЯМ: 0730073355, РМА: 075530175 аз санаи 24.02.2013, ки аз Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Гореева Зинаида Мироновна, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 40-солагии октябр, бинои 226, ҳуҷраи 23, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш тахти реестри №8Д-712, аз 15-уми феврали соли 2002 ба номи Гореева Зинаида Мироновна, бо нишонии шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи 40-солагии октябр, б 226, х. 23, ки дар Нотариуси калони давлатии идораи давлатии нотариалии Фрунзе ба расмият даровarda шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А №0386168, рақами қайд №18507, аз санаи 30.05.2013 ба номи Аламов Фарҳод, бо суроғаи ноҳияи Ҳамадонӣ, ҷамоати деҳоти Панҷоб ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1002141 ба номи Мирзоева Ширин Хусравовна, ки соли 2020 аз МТМУ №81-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0922402 ба номи Аҳмарова Сафаргул Давлатёровна, ки санаи 14.06.2019 аз МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Раҳимов Сифотулло Сиротуллоевич, РЯМ: 1430041095, РМА: 145672675, ки соли 2014 аз Нозироти андози ноҳияи Файзобод дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ Сафарова Моҳира Каримҷоновна, РЯМ: 0730191761, РМА: 076502255, аз 20.06.2019 бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбонова Рухсора, РЯМ: 0730030950, РМА: 075127843, аз 02.02.2009, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Хоҷагии деҳқонии Баҳор-2008, РЯМ: 0730181485, РМА: 076420539, ки санаи 18.08.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ашуралиев Нурали Шералиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Т. Шарқӣ, квартал 8, уч. 38, соли 2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ тахти реестри №14352, ба номи Ашуралиева Гулчехра, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шохмансур, кӯчаи Т. Шарқӣ, квартал 8, уч. 37, соли 2012, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0588749 ба номи Сайдуллоев Хайрулло Нусратуллоевич, ки санаи 24.06.2017 аз МТМУ №67-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Маркази Самбуса", №0269951, РЯМ: 0310025302, РМА:030037293, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Шаҳбону", №0269045, РЯМ: 0310023991, РМА: 030035957, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи Тиҷоратии "Турсун Али", РЯМ: 0710005359, РМА: 070008923, аз 27.06.2010 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



Бешабоғи калонтарини Маскав
хаёл намудан
Варами гӯш
Муаллифи сценарияи филми "Овора-гард"
Ҳар моеи соф
Равғани мошин
Шайдо, дилдода.
Номи духтарона
Тухмбирён
Бале, ҳа
Операи Гуно
Сад (бо русӣ)
Гурӯҳи эстрадии Суғд
Номи қаблии шаҳри Турсунзода
Дугонаи Бика
Масту …
Порча, ҳиссае аз матоъ
Иёлати ИМА
Дандонкобак
Кӯли хавфноки ҶТ
Сози мусиқии камончадор
Охир, анҷом
Дарё дар Русия ва Белорусия
Ҳамном
Номи Худо дар асотири Юнони қадим
Пули майдаи Мисру Урдун
Пироҳани занони ҳинду
Таббох
Дастгоҳи ордкунӣ
Боғи миллии Чопон
Хокаи ҷомашӯӣ
Виктор… , шоир, нависанда, драматурги фаронсавӣ
Асари калони мусиқӣ
Моҳи гармои сол
махлуқот, мардум.
Хӯшаи ангур
Тайёраи ҷангӣ
Кӯл дар Қазоқистон
Бародари қаҳва, ки бо шир менӯшанд
Яке аз персонажҳои "Шоҳнома"
Оҳиста (лаҳҷ.)
"То ... сухан нагуфта бошад" (С Шерозӣ)
Яке аз амалҳои бахшӣ
...лер, сардори фашистон
«… Ховар»
Хушбӯие, ки ба палав меандозанд
Шаршараи зеботарини дунё

**ПАРИЖ-2024**

# БИРИНҶИИ МАҲМАДБЕКОВ, ЗАХМИ ЭМОМАЛӢ НУРАЛӢ ВА ШИКАСТИ ХОҶАЗОДА ДАР БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ

**Ҷудокорони тоҷик дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 набардҳои худро оғоз карданд, ки алҳол як медали биринҷӣ дар ҳисоби худ доранд.**

Медали биринҷиро Сомон Маҳмадбеков ба даст овард. Ӯ дар даври аввал озод буда, дар марҳилаи дуюм бар Фарес Бадавии фаластинӣ ва дар рақобати баъдӣ бар Франк Де Вит аз Нидерланд пирӯз шуд. Дар даври чорякниҳоӣ Маҳмадбеков бо Тато Григалашвилӣ аз Гурҷистон гӯштин гирифта, аз ӯ шикаст хӯрд ва ба марҳилаи тасаллобахш рафт. Дар марҳилаи тасаллобахш Сомон бар варзишгари Узбекистон Шарофиддин Болтабоев ғолиб омад. Сипас, дар рақобат барои медали биринҷӣ бар ҷудокор аз Италия Антонио Эспозито ғолиб омада, сазовори ҷойи сеюм ва медали биринҷӣ гардид.

Ҷудокори умедбахши тоҷик Эмомалии Нуралӣ (-66 кг), ки дар даври якуми Бозиҳои олимпӣ озод буд, дар даври дуюм бо имтиёзи вазарӣ дар вақти тилоӣ муқобили намояндаи Исроил Брауч Шмаилов ғалаба ба даст овард.

Дар даври сеюми Бозиҳои олимпии Париж-2024 Эмомалии Нуралӣ бо қаҳрамони олимпӣ Ҳифуми Абеи ҷопонӣ ба майдон баромад ва мағлуб шуд. Дар ин набард Эмомалӣ аз дасти худ захм бардошт ва натавонист, ки дар мубоизаи тасаллобахш ба майдон ояд. Дар натиҷа ҳарифи ӯ, паҳлавони сербистонӣ, бе набард ба даври дигар роҳ ёфт.

Паҳлавони маъруфи тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода аз варзишгари канадагӣ Артур Маргелидон дар вақти изофӣ шикаст хӯрд. Хоҷазода дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 дар вазни -73 кг бо паҳлавон аз Канада Артур Маргелидон кушти гирифт ва дар вақти изофӣ бо имтиёзи вазарӣ мағлуб шуд.

Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) дар даври аввали Бозиҳои олимпӣ озод буд ва дар даври дуюм бо имтиёзи иппон




муқобили Фарис Бадавии фаластинӣ пирӯзӣ ба даст овард. Дар даври баъдӣ бо имтиёзи вазарӣ бар намояндаи Нидерланд Франк Де Вит ғалаба кард, аммо дар даври чорякниҳоӣ муқобили Тато Григалашвилии гурҷӣ то вақти тилоӣ мубориза бурда, бо имтиёзи вазарӣ ноком шуд.

# ПАРЧАМБАРДОРИ ҲАЙАТИ ОЛИМПИИ ТОҶИКИСТОН ТЕМУР РАҲИМОВ БУД

**Рӯзи 26-уми июл маросими ифтитоҳи Бозиҳои олимпии Париж-2024 баргузор шуд. Ҳайати дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон низ дар гузашти ҳайатҳои олимпӣ иштирок кард. Парчамбардори ҳайати дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон паҳлавони маъруф Темур Раҳимов буд.**

Оташи олимпиро ҷудокори маъруфи Теддӣ Ринер ва даванда Мар[-Ҷозе Перек фурӯзон карданд.

Сипас, президенти Кумитаи тадорукоти Бозиҳои олимпии Париж-2024 Тони Эстанге, президенти Кумитаи байналмилалии олимпӣ Томас Бах ва президенти Фаронса Эммануэл Макрон суханронӣ карданд. Барномаи ҳунарӣ низ пешниҳод гардид.

Дар Бозиҳои 33-юми олим-



пӣ аз 32 намуди варзиш 10 500 варзишгар аз 206 кишвари ҷаҳон иштирок мекунанд. Варзишгарон барои 329 маҷмуи медалҳо мубориза мебаранд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин мусобиқот 14 варзишгар, аз рӯйи 6 намуди варзиш, аз ҷумла ҷудо, бокс, таэквандо, кушти тарзи озод, шиноварӣ ва варзиши сабук муаррифӣ мекунанд.

Дар баробари Темур Раҳимов (ҷудо, вазни +100 кг) дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ, инчунин 5 ҷудокори дигари тоҷик, аз ҷумла Эмомалии Нуралӣ дар вазни то 66 кг, Беҳрӯзи Хоҷазода дар вазни то 73 кг, Сомон Маҳмадбеков дар вазни то 81 кг, Комроншоҳ Устопириён дар вазни то 90 кг ва Ҷаҳонгир Маҷидов дар вазни то 100 кг иштирок доранд.

Дар риштаи бокс Баҳодур Усмонов дар вазни 63,5 кг, Мижгона Самадова дар вазни то 57 кг ва Давлат Болтаев дар вазни то 92 кг муаррифӣ хоҳанд мекунанд.

Екатерина Бордачёва ва Фахриддин Мадкамов дар шиноварии тарзи озод ба масофаҳои кӯтоҳ – 50 ва 100 метр, Фаворис Музрапов дар варзиши сабук, дав ба масофаи 100 метр, Мунира Абдусаломова дар риштаи таэквандо дар вазни +67 кг ва Виктор Рассадин дар риштаи кушти озод дар вазни то 74 кг Тоҷикистонро намояндагӣ мекунанд.

# БОЛТАЕВ БА ДАВРИ ЧОРЯКНИҲОИИ БОЗИҲОИ ОЛИМӢ РОҲ ЁФТ, АММО УСМОНОВ БО САМАДОВА НАТАВОНИСТАНД

**Варзишгари маъруфи кишвар Давлат Болтаев дар рақобати аввалини худ дар 33-юмин Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж-2024, бо қарори ҷудои доварон (3:2) нахустин пирӯзашро соҳиб шуд.**

Муштзани тоҷик дар муқобили Георгий Кушиташвилӣ аз Гурҷистон пирӯз шуд ва ба даври чорякниҳоӣ роҳ ёфт. Болтаев дар марҳилаи чорякниҳоӣ бо Чек Марлӣ аз Ирландия мубориза мекунад. Ин набард рӯзи 2-юми август баргузор мешавад.

Муштзани умедбахш Баҳодур Усмонов (63,5 кг) дар даври аввали Бозиҳо аз намояндаи Булғористон Радослав Росанов мағлуб шуд. Ҳамчунин, Мижгона Самадова (57 кг) бо қарори ҷудогонаи доварон (2:3) дар даври аввали Бозиҳои олимпӣ аз Алисса Мендозаи амрикоӣ мағлуб шуда, аз идомаи рақобатҳо маҳрум гардид.



**РЕЗААХБОР**

Конфедератсияи футболи Осиё таркиби сабадҳоро барои қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Лигаи чемпионҳо-2 дар мавсими 2024/25 дар минтақаҳои Ғарб ва Шарқ муқаррар кард. Дар қуръакашӣ, ки 16-уми август баргузор мешавад, хашт гурӯҳи иборат аз чордастай ташкил карда мешаванд. Марҳилаи гурӯҳии мусобиқа мутобиқи тақвими КФО, дар минтақаи Ғарб 17 -уми сентябр оғоз мешавад.

***

Довари 28-солаи FIFA аз Тоҷикистон Абдулло Давлатов дар мавсими нав ба ҳайати доварони элитаи Конфедератсияи футболи Осиё шомил шуд. Ҳоло дар ҳайати доварони элитаи Конфедератсияи футболи Осиё панҷ довари FIFA аз Тоҷикистон – Насрулло Кабиров, Гулмуроди Саъдулло, Сайёдҷон Зайниддинов, Абдулло Давлатов ва Нодира Мирзоева шомиланд.

***

Футболбози ғаноитабор Дэвид Мавутор бо шиносномаи тоҷикӣ ҳайати дастаи «Турон»-и Қазоқистонро тарк кард ва ба «ватан» баргашт. Дэвид фаъолияташро дар дастаи «Равшан»-и Кӯлоб идома медиҳад. Ӯ дар дастаҳои «Истиқлол», «Оқсу», «Шахтёр» ва «Жетису» бозӣ кардааст. Шиносномаи тоҷикӣ дорад, аммо ба ҳайати дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон даъват нашудааст.

***



Диёра Келдиёрова, зодаи шаҳри Самарқанд, аввалин медали тилои Бозиҳои олимпиро барои Ӯзбекистон ба даст овард. Ӯ дар намуди кушти ҷудо, дар вазни 52 кг, тавонист, ки бар Ута Абэи ҷопонӣ, ки тайи панҷ сол мағлуб нашуда буд, Маша Балхаус аз Олмон, Амандин Бушар аз Фаронса, барандаи медали нуқраи Бозиҳои олимпии соли 2020 ва Дистрия Красникӣ аз Косово пирӯз шавад.



## Худам

Марде аз мусофират баргашта, ҳамроҳи рафиқаш шабона ба Ватан расид. Вақте ба ҳавлияшон ворид шуданд, аҳли оила дар рӯйи кат хоб буданд. Мард наздикони худро бо навбат ба рафиқаш муаррифӣ карда, гуфт:

- Ин кас падарам, ин модарам, ана фарзандонам....

Ҳарду ба кати хоби занаш наздик шуда, мебинанд, ки занаш бо марди бегонае хоб аст. Рафиқаш мепурсад:

- Ин кист?

Мард мегӯяд:

- Ин гӯё худам!

## Бӯса

Ҷавон ба духтар:

- Биё, як бӯса кунам...

Духтар:

- Не....

Ҷавон:

- Як бӯса кунам, ягон чоят кам мешавад, вай духтарро бин, ноз накарда хап истодааст...

Духтар:

- Ҳамон ҷавонро бин, напурсида бӯсида истодааст.

## Як лаб

Валӣ ба Алӣ гуфт:

- Боре андешидаӣ, ки чаро дар дӯконҳои гӯшт лаби гов, буз ё гӯсфанд намефрӯшанд?!

- Не,- гуфт Алӣ,- сабабаш дар чист?

Валӣ гуфт:

- Агар чунин мебуд, шахсан ман метарсидам, ки ба гӯштфурӯш бигӯям, "ака, ба ман як лаб бидех!".

## Самолёт

Аз марди сигоркаше мепурсанд:

- Чанд сол аст, ки сигор мекашед?

Мард мегӯяд:

- 30 сол шуд.

- Боз мегӯянд:

- Дар ин солҳо пули як самолёт ҷамъ мекардед.

Мард дар ҷавоб:

- Шумо сигор мекашед?

- Не.

- Ин тавр бошад, самолётатон дар куҷост?

## Тавсия

Марде ба духтур аз фарбеҳӣ шикоят мекунад. Духтур чунин маслиҳат медиҳад:

- Саҳар ва нисфирӯзӣ дутогӣ печен ва бегоҳ як дона печен мехӯред, хароб мешавед.

Мард хурсанд шуда, мепурсад:

- Духтур, печенҳоро пеш аз хӯрок хӯрам ё баъд аз хӯрок?

## Кори бемаънӣ

Домод шаби арӯсӣ танҳо хоб меравад. Занаш мегӯяд:

- Маро бағал намекунӣ? Бӯсаам намекунӣ?

Домод мегӯяд:

- Хап кун! Ман зан гирифтам, ки аз ин корҳои бемаънӣ даст кашам!

**Таҳияи**
**Н.РАҶАБОВА**

Кулли адабиёти ҷаҳон пеши қассоб баробари мақоли «Гӯшт бе устухон намешавад» қадр надорад.

***

Коргари бекаланд мансабдори бесаробӯстонро монад.

***

Ҷанозахоне дар ҷанозаи марди сарватманде соҳиби хайроти зиёд гардида, афсӯс хӯрд, ки чунин мардон танҳо як маротиба мемиранд.

***

Чун истисмори одам аз тарафи одам барҳам хӯрда, истисмори одам аз тарафи силоҳ оғоз ёфт, сиёсатмадорон муқаррар карданд, ки ҷамъият ба зинаи сифатан нави тараққиёт баромадааст.

***

«Зан хазинаи лутф аст» мегӯянд, зинҳор бовар накунед. Аслан, зан хазинаи гап аст.

***

Бузургмарде мисраи «Ҳақиқат зодаи марди бузург аст»-ро хонда, хиҷолат кашид.

***

Аз ёддошти бадгумоне: Тирезаи ҳамсоя пӯшида шуд. Ана, пардаҳояшро ҳам фаровbooking.

***

Ғурури хурӯс яқин аз он аст, ки чандин зану бача дошта бошад ҳам, алимент намедиҳад.

***

Бехатарии доварро на идораҳои дахлдор, балки ғалабаи соҳибони майдон таъмин менамояд.

***

Агар нуктае навиштанӣ бошед, беҳтараш роман нависед: баъд аз таҳрири муҳаррир ба мақсадатон мерасед.

***

Адолатҷӯе изҳор дошт, ки агар моҳии заррин ба дастам меафтод, алорағми он беадолатие, ки нисбат ба моҳигири Пушкин кард, зада мекуштамаш.

***

Аз дафтари хотира: Ба мо хонаи нав доданд. Дараш кушода намешавад, вале хушбахтона, ба воситаи тирезааш бемалол даробаро кардан мумкин.

***

Забоншиносе исбот кард, ки дастафшониҳои раққосаи сургард бо кисаафшониҳои тамошобинон муродиф аст.

***

- Мо, дар ҳақиқат, адолатҷӯем,- даъво кард китобфурӯше,- дигарон ба китобҳои нодир китобҳои касмахарро сарборӣ карда фурӯшанд, мо баръакс ба китобҳои касмахар китобҳои нодирро сарборӣ карда мефурӯшем.

***

Ин қадар воҳима мекунед! Охир, осмон омада ба замин начаспидааст ё мудири ферма аз дӯкон гӯшт нахаридааст-ку!

***

Майзада ҳамеша дар минтақаи пурзилзила зиндагӣ дорад.

***

«Агар офтоб халал намерасонд, ман яқин уқёнус мегаштам»,- бо алам гуфт шабнам.

***

Гулро парастед, пул шуданаш мумкин!



**Абдурауф**
**МУРОДӢ**

## Сканворд

